Панҷаҳояш аз резин,
Меҳӯрад обу бензин. (сам . . . т)

### Савол ва супориш:

**1.** Шеъри кайҳонро хонед ва баъзе лаҳзаҳои онро нақл кунед.
**2.** Мо дар рӯи чӣ ҳаёт ба сар бурда истодаем?
**3.** Заминро кӣ ободу зебо мегардонад?
**4.** Чаро одамон орзу доранд, ки ба кайҳон парвоз кунанд?
**5.** Оё шумо ҳам дар дил чунин орзуҳо мепарваред?

**Машқи 1.** Ба саволҳои зерматн хаттӣ ҷавоб нависед.
**Машқи 2.** Матнро хонед, феълҳояшро муайян карда, ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.
**Машқи 3.** Аз матн якчанд феълро интихоб карда нависед.
**Супориш:** Ба саволҳо ҷавоб диҳед:
**1.** Аввалин шуда дар сайёраи мо (Замин), кӣ ба кайҳон парвоз кардааст? (Аввал Ю. Гагарин, баъд Г. Титов, ...)
**2.** Оё шумо ҳам орзу доред, ки ба кайҳон парвоз кунед?
**3.** Кадоме аз шумо ба тайёра (самолёт) нишаста ба осмон парвоз кардааст?
**Супориш:**
**1.** Фурудгоҳҳои калонтарини кишварамонро номбар кунед.
**2.** Парвози самолётҳо ва чархболҳо (вертолётҳо)-ро мушоҳида кунед.

## ДАРСҲОИ 131–132

## ДӮСТИ БЕВАФО

Дар дунё мо бояд нисбат ба ҳамдигар ғамхор, меҳрубон ва дӯсту мададгор бошем.

Махсусан дӯстиву рафоқат моро аз тамоми ҳодисаҳои ногувори зиндагӣ эмин нигоҳ медоранд.

Агар дӯсти хуб пайдо кардед, бовафо бошед ва ба ҳар сустиву сабукӣ ӯро раҳо накунед.

Чунон ки каждум бо сангпушт муносибати нохуш кард ва ба дӯстии онҳо халал расид.

# САНГПУШТ ВА КАЖДУМ

Сангпушт бо каждуме дӯстӣ дошт ва онҳо ҳамеша ҳамдаму ҳамроҳ буданд.

Вақте чунин иттифоқ афтод, ки аз рӯи зарурат мебоист ватани худро тарк кунанд. Ҳар ду дар рафоқати якдигар ба сӯи маъвои дигар равона шуданд. Иттифоқо гузари онҳо ба наҳри калоне афтод ва ҷӯйи оби бузурге аз пеши онҳо падид омад. Чун каждум аз он об гузашта наметавонист, ҳайрон шуд. Сангпушт гуфт:

– Эй ёри азиз, туро чӣ шуд, ки гиребони ҷомаи ҷон ба дасти андӯҳ додӣ ва домани дил аз нишоти тараб дарчидӣ?

Каждум гуфт:

– Эй бародар, андешаи гузаштан дар ин об маро дар гирдоби ҳайрат афкандааст, на аз об гузаштан муяссар аст ва на тоқати фироқи дӯстон мумкин.

Сангпушт гуфт:

– Ҳеҷ ғам махӯр, ки ман туро бе кулфате аз об гузаронида, ба соҳил мерасонам ва аз худ завраҷе сохта, синаро сипари балои ту месозам. Ҳайф бошад ба душворӣ ёре ба даст овардан ва ба осонӣ аз даст додан.

Пас сангпушт каждумро бар пушт гирифта, синаро бар об афканда, равон шуд. Дар аснои шиноварӣ овозе ба гӯши сангпушт расид ва ков-кове аз ҳаракати каждум ҳис кард. Пурсид, ки «ин чӣ овоз аст, ки мешунавам ва ту чӣ кор карда истодаӣ?» Каждум ҷавоб дод, ки «нӯги неши худро бар ҷавшани вуҷуди ту озмоиш мекунам». Сангпушт барошуфт ва гуфт:

– Эй бемурувват, ман ҷони худро барои ту дар гирдоби хатар афкандаам ва ба пушти киштии ман аз ин об мегузарӣ. Агар ҳаққи дӯстии қадимро ба эътибор гирӣ, сабаби неш задан чист?

Каждум гуфт:

– Табиати ман майли неш задан дорад, хоҳ захм бар пушти дӯст бошад, хоҳ бар синаи душман.

**Аз «Калила ва Димна»**

## ЧИСТОН

Таг сангу рӯй санг,
Миёна уқоби тезчанг. (с.н.п.ш.)

**Луғат:**

***Муошир*** – ҳамдам, муҳосиб.
***Рафоқат*** – дӯстӣ, ҳамфикрӣ.
***Иттифоқо*** – ногаҳ, нохост, ногаҳон.
***Мӯнис*** – мушфиқ, ғамхор.
***Маъвои дигар*** – тарафи дигар.
***Падид*** – намоён.

### Савол ва супориш:

**1.** Дӯстии сангпушт ва Каждум дар аввал чӣ гуна буд?
**2.** Онҳо ватани худро тарк карданд ва чӣ воқеа рӯй дод?
**3.** Сангпушт Каждумро чӣ гуна дилбардорӣ кард?
**4.** Агар Сангпушт Каждумро, ки дӯсташ буд, ба пушташ намегирифт, ҳоли Каждум чӣ мешуд?
**5.** Ҳангоми аз об гузаштан Каждум ба чӣ кори нохуш даст зад?
**6.** Ба ин дӯстӣ кадомаш хиёнат кард? Каждум ё Сангпушт?
**7.** Магар дӯстӣ ҳамин тавр мешавад?

**Машқи 1.** Матнро хонед ва хулосаатонро баён кунед.
**Машқи 2.** Аз матни «Сангпушт ва Каждум» феълҳояшро интихоб карда нависед ва ба якчанд феъл саволҳои мувофиқ гузоред.

**Намуна:** Дошт – чӣ кор кард? ...

**Машқи 3.** Ду сархати охири матнро нависед ва феълҳоро номбар кунед.

**Супориш:**

**1.** Аҳамияти феълро дар нутқ баён кунед.
**2.** Бо ҳар кадом ҳиссаи нутқ (исм, сифат, феъл) яктоӣ ҷумла тартиб дода нависед ва ҷои исму сифат ва феълҳоро муайян кунед.

## ДАРСҲОИ 133–134

## ДӮСТОНИ БОВАФО

Оҳуе дар баландии хушбоду ҳавои сералафи кӯҳсор мечарид. Чашми вай ба гунҷишкаке, ки ба ҳар сӯ меҷаҳид, афтод. Оҳу ба вай нигоҳ карду гуфт:

– Чӣ ин қадар частухез дорӣ, магар ба саёҳат омадӣ?

– Не, ман ба назди ту омадам, мехоҳам бо ту ошно шавам, ҷавоб дод гунҷишк.

– Ту чӣ кори хуб карда метавонӣ, ки ман бо ту ошно шавам? – гуфт оҳу.

– Парво накун, аз дасти ман бисёр корҳои хуб меоянд. Худат дида, баъд қоил мешавӣ. Оҳу таклифи гунҷишкро қабул кард. Онҳо аз ҳамон рӯз дӯстона зиндагӣ ба сар мебурдагӣ шуданд.

Баъд ба инҳо муш ҳам ошноӣ пайдо кард. Рӯзе ногоҳ оҳу аз рафиқаш ҷудо шуда монд, ба доми сайёде афтод. Сайёд хост, ки оҳуро зинда ба хонааш барад. Бинобар ин ӯро ба дарахт бо банд сахт баста, худаш ба деҳа рафт.

Гунҷишк ва муш ба ҷустуҷӯи вай баромаданд. Ногоҳ гунҷишк дид, ки оҳу дар як дарахт сахт баста шудааст. Вай зуд ба назди муш рафта, воқеаро нақл кард.

Ҳар дуяшон назди оҳу омаданд. Муш бо дандончаҳои тезаш бандро зуд бурид.

Оҳу аз доми сайёд озод шуд, бо дӯстони хурдакаки бовафои худ ба даштҳои васеъю дилкушо баромада рафт.

**Супориш:**

1. Гунҷишк бо оҳу чӣ тавр ҷӯра шуд?
2. Гунҷишк ва муш оҳуро чӣ кор карданд?
3. Дӯстӣ чӣ фоида доштааст?

**Машқи 1.** Феълҳоро аз сархати якум ва дуюм ҷудо карда нависед, савол гузоред, баъд ба замонҳо ҷудо кунед.

**Намуна:** Мечарид, меҷаҳид – чӣ кор мекард? – замони гузашта.

**Машқи 2.** Феълҳоро нависед ва онҳоро ба замонҳо ҷудо кунед, баъд нависед: Хоҳад гуфт, хоҳад рафт, мегуфт, хонда истодааст, мегӯяд, хоҳад бофт, мешунавад, мегуфт, бофт.

**Супориш:**

1. Калимаҳои «дӯст» ва «дӯстӣ»-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед ва пас таҳлили овозӣ намоед.
2. Ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштани калимаҳои машқи 2-ро баён кунед.

**Машқи 3.** Бо се замони феъл мисолҳо оред ва нависед.

## ДАРСҲОИ 135–136

## ХОЛА ХУРСАНД ШУД

Зайнаб-хола баъд аз дарсҳо сатилу ҷорӯб дар даст ба синфи 3 даромаду аз ҳайронӣ дар ҷояш истода монд.

– Наход дар ин ҷо имрӯз дарс нашуда бошад-а? – аз дил мегузаронд ӯ. Тозагии синфу мизҳо, оинаю тирезаҳо, тахтаи синф ӯро шод карда буд. Ҳоҷати оворагию рӯфту рӯб нест, қарор дод Зайнаб-хола. Вай дари синфро оҳистакак пӯшида, ба синфи дигар гузашт. Рӯзи дигар ҳам Зайнаб-хола синфи 3-ро чун дирӯза озодаю покиза дид. Аммо вай нағзакак ба хотир овард, ки имрӯз дар ин ҷо дар ҳар ду баст дарс гузашта буд. Ин кори кӣ бошад-а? – мепурсид ӯ худ аз худ. Бегоҳии дигар Зайнаб-хола барвақттар ба кор омаду аввал ба синфи 3 даромад. Лабони хола беихтиёр ба табассум моил шуданд. Ҷаннатой фаршҳоюо Дилбар оинаро бо латтаи тар пок мекарданду Саломат тахтаи синф мешуст. Ин кори шумо будааст-дия, – гуфт Зайнаб-хола бо миннатдорӣ. Бале, кори мо, – гуфт Ҷаннатой пеш омада, мо қарор додем, ки доим синфамонро тозаю озода нигоҳ дорем. Охир ин корро худи ман ҳам карда метавонам, гуфт Зайнаб-хола мабодо шумо монда нашавед? Магар кас аз озода нигоҳ доштани синф монда мешавад, ҷавоб доданд духтарон. Хурсандии хола интиҳо надошт.

### Савол ва супориш:

**1.** Чаро Зайнаб-хола ҳайрон шуд?
**2.** Ҷаннатой ва Дилбару Саломат чӣ кор карданд?
**3.** Тозагӣ гарави чист?
**4.** Тозаю озода будан чӣ маъно дорад?
**5.** Меҳнатро дӯст доред. Аз меҳнат кас обрӯ мегирад ва некном мегардад.

**Машқи 1.** Нақшаро аз назар гузаронед ва онро бо феълҳои нав фикр кардаатон пурра кунед:

| *Замони гузашта* | *Замони ҳозира* | *Замони оянда* |
|---|---|---|
| дод | | хоҳам дод |
| ёфт | хонда истодаам | хоҳам дид |
| хонд | гуфта истодаам | хоҳам шунид |
| | | меравам |

**Машқи 2.** Матнро дида бароед, аввал ба феълҳо баъд ба исму сифатҳо саволҳо гузоред.

**Машқи 3.** Хонед, феълҳоро номбар кунед ва нависед:

Мо дар боғ ниҳол шинондем. Ниҳолшинонӣ аҷаб ҳаловате доштааст. Баъд аз 3-4 сол ниҳолҳои шинондаамон ба бор меоянд. Дар ин муддат мо ба онҳо об медиҳем, бехашонро нарм мекунем.

Хонед, хулоса бароред: Тозагӣ гарави саломатист.

Либос гуфтааст: ту маро тоза нигаҳ дор, ман туро шоҳ мегардонам.

**Супориш:** Дар мавзӯи «Тозагӣ гарави саломатӣ» нақл нависед ва исму сифату феълро истифода баред.

## ДАРСҲОИ 137–138

## ЛАТИФАҲО. ҲИКОЯТҲО

Қазвиниро хар гум шуда буд, гирди шаҳр мегашт ва шукр мегуфт.

Гуфтанд:

– Шукр чаро мекунӣ?

Гуфт:

– Аз баҳри он ки ман ба хар нанишаста будам, вагарна ман низ имрӯз чаҳорум рӯз буд, ки гум шуда будам.

**Супориш:**

1. Латифаро хонед ва ба мазмунаш диққат диҳед.
2. Агар шумо боз латифаи дигаре донед, илова карда гӯед.

## ҲИКОЯТ

Шахсеро як киса динор гум шуд. Ӯ ба қозӣ хабар кард. Қозӣ ҳамаи мардумони хонаи ӯро талабид ва ба ҳар кас як чӯбӣ дод, ки ҳамаи он чӯбҳо дар тӯл баробар буданд ва гуфт:

– Ҳар кӣ дузд аст, чӯби ӯ ба қадри як ангушт дароз хоҳад шуд.

Чун ҳамаро рухсат кард, шахсе, ки duzdida буд, тарсид ва чӯби худро ба қадри як ангушт кӯтоҳ кард. Рӯзи дигар чун қозӣ ҳамаро талабид ва чӯбҳо дид, маълум кард, ки дузд кист. Кисаи динорро аз ӯ гирифт ва сиёсат намуд.

**Луғат:**

***Тӯл*** – дарозӣ.

**Савол ва супориш:**

**1.** Динорҳо чӣ тавр гум шуданд?

**2.** Қозӣ чӣ тадбир ҷуст ва дузд аз тарсаш чӯбашро чӣ кор кард?

**3.** Мақоли «Дузд аз сояи худ метарсад» чӣ маъно дорад?

**4.** Одами дузд шахси хеле бадкирдор аст.

**Машқи 1.** Латифаи аввaларо нависед ва феълҳояшро муайян карда, ба онҳо савол гузоред.

**Машқи 2.** Латифаи дуюмро хонед, феълҳояшро номбар кунед ва саволҳои мувофиқ гузоред. Исмҳои латифаи дуюмро номбар намоед.

**Санҷиш:** Матни латифаҳоро бори дигар аз назар гузаронед ва сифатҳоро номбар намоед. Чӣ кор мекунад? Оё ин ба сифат дахл дорад.

**Мулоҳиза:**

**1.** Саволҳои чӣ? кӣ? чиҳо? киҳо?, ва чӣ хел?, чӣ гуна? чӣ? ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд?

## ДАРСҲОИ 139–140

## ЛОНАЧАҲО БАРОИ ГУНҶИШКОН

Ҷӯраҳо саргарми сӯҳбат буданд, ки чизе таппӣ карда пеши пои онҳо афтид.

Бинанд, гунҷишк!

Додарҷон онро аз замин бардошт.

– Бечора, – гуфт ӯ гарм-гарм гунҷишкро пуфкунон. – Хунук хӯрдааст.

– Дар ин хел ҳаво хунук нахӯрда ҳам бин, – гуфт Фахриддин. – Ба ман ҳам деҳ камтар гарм кунам...

Додарҷон гунҷишкро ба ӯ дод.

Эҳ, агар ҳамаи гунҷишкони деҳаамон бо пуф гарм карда шаванд...

Хонаи Фахриддинино наздик буд ва бачаҳо ба сӯи хона давиданд.

Гунҷишкро болои бухорӣ гарм карданд. Баъди фурсате гунҷишк ҷон гирифт. Ҷунбид. Фахриддин онро рӯи кӯрпача гузошт. Паранда болҳояшро кушоданӣ шуд, аммо як қаноташ кушода нашуд. Фахриддин онро бодиққат даст-даст карда фаҳмид, ки хушбахтона устухони болояш зарб хӯрдасту вале нашикастааст.

Гунҷишкро бо нонреза сер карданд.

– Имсол зимистон хунук омад, – гуфт Ёрмаҳмад. – Зимистони дароз онҳоро бо пуф-пуф гарм кардан муҳол аст. Инчунин ҳамаи парандаҳоро барои зимистонгузаронӣ ба хонаҳоямон «даъват» карда наметавонем. Барои онҳо бояд хоначаҳо сохтан лозим. Ин кор он қадар душвор нест.

Рӯзи дигар ҷӯраҳо лоначаи аввалинро дар танаи сафедори хонаи Фахриддинино овехтанд.

Сипас, то охири рӯз 6-то лонача сохтанд. Баъд боз 36-тои дигар.

Гунҷишки худро ҳам фаромӯш накарданд ва барои ӯ низ лоначаи зебое сохтанд. То ки гунҷишк маҳз дар ҳамин хонача зиндагӣ кунад, баъди ба танаи дарахт часпонидан онро ба даруни лона гузоштанд.

Додарҷон аз нардбон фаромада ба боло, ба хонача нигарист. Гунҷишк аз даричаи он сар бароварда «чиқ-чиқ» гуфту баъд парвоз кард.

Ҷӯраҳои накӯкор ба ин «чиқ-чиқ»-и гунҷишк сарфаҳм рафта қаноатмандона табассум намуданд.

## Савол ва супориш:

1. Ҷӯраҳо чиро аз замин гирифтанд?
2. Гунҷишки маҷрӯҳро онҳо чӣ тавр табобат карданд?
3. Баъдтар ҷӯраҳо дар ҳаққи парандагон ва махсусан гунҷишкон чӣ гуна ғамхорӣ намуданд?
4. Шумо ҳам, бачаҳои азиз, ба парандаҳо ёрӣ расонед, савобаш зиёд аст.

**Машқи 1.** Матнро аз назар гузаронед ва феълҳоро ҷудо карда нависед.

**Намуна:** Сӯҳбат мекарданд, афтид, бинанд, ...

**Машқи 2.** Ҷумлаҳои нопурраро пурра карда нависед:

**1.** Қироати китоб фоида ...

**2.** ... моро аз ҳар гуна ҳодисаю воқеаҳо хабардор ...

**3.** ... фасли баҳорон, пурлола ... кӯҳсорон.

Калимаҳо барои истифода (дорад, радио, месозад, омад, шуд.).

**Машқи 3.** Матнро хонед, ду сархати охирашро нависед ва ба зери феълҳою исмҳо хат кашед.

## ДАРСҲОИ 141–142

## СУРУДИ КАБКИ ҲИЛОЛ

Рӯзи истироҳат Ҳофиз дертар аз хоб хест. Ба рӯи ҳавлӣ баромада буд, ки ба гӯшаш овози форами кабкҳои ҳилол расид.

«Дар куҷо бошанд-а» – гӯён ба атроф бо диққат назар кард. Нохост чашмаш ба сангҳои калон-калони сари тал афтод. Дид, ки дар зери онҳо 5-6 кабк ва ду кабки ҳилол ба худ хӯрданӣ меҷӯянд. Ҳофиз бо худ ҷав гирифта ба болои тал баромад. Парандагон бо дидани вай ба ҳар тараф парида рафтанд. Ӯ донро дар ҷойҳои хушкӣ пошида баргашт. Вақте ки ақиб нигоҳ кард, дид, ки парандагон ба сари он ҷамъ шуданд.

Ҳамин тариқ, ӯ ҳар рӯз ба парандагон дон медод. Кабкон торафт бисёртар мешуданд. Дар баробари ин ҳам барф бисёртар меборид.

Рӯзе ӯ боз ба тал баромад. Кабкҳои гурусна бисёр буданд. Сетои онҳо маҷоли ҷунбидан надоштанд. Кабкҳоро ба хона овард. Падару модараш аз ин кор хурсанд шуда: – «барака ёб, писарам, онҳоро дар рӯзи сахт аз марг наҷот додан кори савоб аст», – мегуфтанд.

Ӯ боз чанд кабки карахтшударо дошта овард ва онҳоро хуб нигоҳубин кард. Ҳамин, ки ҳаво хуб шуд, кабкҳоро сар дод. Ин рафтори наҷиби Ҳофиз Мирзовафоевро ба назар гирифта, маъмурияти мактаб ба ӯ «Раҳматнома» эълон кард.

### Савол ва супориш:

1. Ҳофиз кабкҳоро чӣ тавр мушоҳида кард?
2. Вай барои онҳо чӣ тадбир андешид?
3. Ҳофиз бо кабкҳои гурусна чӣ тавр муносибат кард?
4. Чаро падару модар рафтори Ҳофизро маъқул донистанд?
5. Маъмурияти мактаб ба ӯ чӣ эълон кард?
6. Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.
7. Феълҳоро муайян карда, номбар созед.
8. Мусобиқаи «Чистонёбӣ» гузаронед.

**Машқ.** Номи парандаҳои маҳалатонро нависед ва ба кадом ҳиссаи нутқ таалluқ доштани номи парандаҳоро муайян кунед.

## ДАРСҲОИ 143–144

### ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки рӯзе Буқрот ба назди беморе даромад, набзи ӯ бидид ва гуфт:

– Бидон, ки ман ва ту ва беморӣ се касем ва ҳар се мухолифи якдигар. Агар ту ёри ман шавӣ ва он чӣ аз хӯрдани он туро манъ кунам, даст боздорӣ, мо ду тан ҳоҳем шуд ва иллат танҳо монад ва бар вай ғолиб шавем. Зеро ҳар гоҳ, ки ду тан ҳампушт ва якдил шаванд, як касро ғалаба тавон кард...

**Муҳаммад Авфӣ**

### ДЕҲҚОН ВА МОР

Яке море сӯи деҳқон хазида омаду гуфто:
«Биё, ҳамсоя! Бо ҳам дӯстона зиндагӣ созем,
Набояд баъд аз ин ту аз ману ман аз ту бигрезем,
Худат дидӣ: – дигаргун гаштаам акнун зи сар то по,
Ҳамин фасли баҳор ин пӯстам ҳам нав шуду дигар».
Вале деҳқон накард ин гуфтаҳои морро бовар,
Табар бар каф гирифта марди деҳқон
Бигуфто: – «Пӯстат гарчи дигар шуд,

Дилат ҳаст ончунон, ки пеш аз ин буд».
Чунон зад пас, ки шуд ҳамсоя бечон.
Агар гум кардаӣ дар назди мардум эътимоди худ,
Дигар ҳар дам ба ҳар ранге дароӣ ҳам – надорад суд,
Аз ин корат халосӣ нест, зинҳор,
Шавад қисмат туро ҳам қисмати мор.

**Луғат:**
***Буқрот*** – табиби донишманди Юнони Қадим.
***Мухолиф*** – зид, муқобил.
***Иллат*** – беморӣ, касал, дард.

## ЧИСТОН

**1.** Фаромаданаш тир барин,
Баромаданаш мир барин. (м . .)

**2.** Аз боло ояд ламб-ламбон,
Майдалаби резадандон. (м . р)

### Савол ва супориш:

**1.** Мор ба деҳқон чӣ муроҷиат кард ва чӣ таклиф намуд?
**2.** Чаро деҳқон ба суханони мор бовар накард?
**3.** Деҳқон нисбат ба мор чӣ амалеро раво дид?
**4.** Шумо ба рафтори деҳқон нисбат ба мор чӣ баҳо медиҳед, нақл кунед.

**Машқ.** Ҳикоятро аз назар гузаронед ва гуфтугӯи деҳқону морро муҳокима кунед.
**Супориш:** Аз ҳикоят танҳо феълҳояшро интихоб карда нависед ва савол гузоред.

**Ёддошт**: Исмҳо-номи ашёҳо, сифатҳо чигунагии ашёҳо ва феълҳо ҳаракати ашёҳоро мефаҳмонанд.

ДАРСҲОИ 145–146

## ҒАМХОРИ МАРДУМ БОШ

Бар сари болини беморон гузар,
З-он ки ҳаст ин суннати хайрулбашар.
То тавонӣ, ташнаро сероб кун,
Дар маҷолис хидмати асҳоб кун.
Хотири айтомро дарёб низ,
То туро пайваста ҳақ дорад азиз.
Чун шавад гирён ятиме ногаҳон,
Арши ҳақ дар ҷунбиш ояд он замон.
Чун ятимеро касе гирён кунад,
Молик андар дӯзахаш бирён кунад.
Он ки хандонад ятими хастаро,
Боз ёбад ҷаннати дарбастаро.
Ҳар кӣ асрорат кунад фош, эй писар,
Аз чунон кас дур мебош, эй писар.
Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,
То азизи дигарон бошӣ ту низ.
Иллати мардум зи пурхорӣ бувад,
Хӯрдани пур тухми беморӣ бувад.
Тавбаи бадхӯ куҷо маҳкам бувад,
Мар бахилонро мурувват кам бувад.

**Аз «Чаҳор китоб»**

**Луғат:**

*Хайрулбашар* – расму русуми ҳама одамон.
*Асҳоб* – ҳамсӯҳбатон.
*Мурувват* – меҳрубонӣ, ғамхорӣ.
*Боз* – кушода.
*Маҷолис* – маҷлис.
*Айтом* – ятимон.
*Бадхӯ* – бадфеъл.

**Машқи 1.** Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.

**Машқи 2.** Аз матн феълҳоро ҷудо карда нависед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

**Намуна:** Гузар – чӣ кор кун? Чӣ кор кун? – сероб кун.

**Супориш:** Фаҳмонед, ки феъл бо исм чӣ алоқа ва чӣ муносибат дорад?
**Машқи 3.** Матнро такроран хонед ва шаш мисраи охири онро аз ёд кунед.
**Машқи 4.** Мазмуни матнро мухтасар бо 3-4 ҷумла нависед.

## ДАРСҲОИ 147–148

### ИМЛОИ САНҶИШ

### ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ ФЕЪЛ

**1.** Феъл чист? – Феъл ҳиссаи номии нутқ буда, амалу ҳаракати ашё(исм)-ро мефаҳмонад.
**2.** Феъл ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад? – Феъл ба саволҳои чӣ кор кард?, чӣ шуд?, чӣ шуда истодааст?, чӣ кор карда истодааст?, чӣ мешавад?, чӣ хоҳад шуд? ва ғайра ҷавоб мешавад.
**3.** Феълҳо чанд замон доранд? – Феълҳо се замон доранд: замони гузашта, замони ҳозира, замони оянда.
**4.** Кадом феълҳоро муқобилмаъно мегӯянд? – Агар ба феълҳо пешванди на илова кунем, он гоҳ феъл муқобилмаъно мешавад. **Мисол:** гуфт – нагуфт, хонд – нахонд, ёфт – наёфт, бофт – набофт, шунид – нашунид.
**5.** Феълҳо ҳаммаъно мешаванд: рафт – мераф, кофт – мекофт, бофт – мебофт, шуст – мешуст.
**6.** Феълҳо иҷро шудан ё нашудани амалро тасдиқ ё инкор мекунанд.
**7.** Қоидаҳои болоро такроран хонед, нависед ва аз бар кунед.

## ДАРСҲОИ 149–150

### 5. СИФАТ
### (Аломати ашёҳо)

Дар дарсҳои гузашта мо ба мавзӯъҳои «калима», «исм» ва «феъл» шинос шуда будем. Фаҳмидем, ки бе калима ҷумла ва бе ҷумла нутқ ба вуҷуд намеояд ва фикрамонро баён карда наметавонем.

Исм, ки номи ашёҳоро ифода мекунад, ҳиссаи мустақили нутқ аст. Исм ба саволҳои кӣ?, чӣ?. киҳо?, чиҳо? ҷавоб мешавад.

Сифат ҳам ҳиссаи мустақили нутқ буда, аломат ва хусусияти ашёҳоро (исмҳоро) ифода мекунад ва ба саволҳои чӣ хел? чӣ гуна? ҷавоб мешавад. Яъне сифат аломатҳои исмро нишон медиҳад ва чигунагии исмро мефаҳмонад.

**Мисол:** оби **соф**, шамоли **сард**, дуди **ғафс**,...

Феъл амалро ифода карда ба саволҳои чӣ кор кард?, чӣ мешавад? ва ғайра ҷавоб мешавад.

## ДУ ГУНОҲ

Баҳром дар синфи сеюм мехонад. Баинтизому аълохон аст. Вай одати ба мактаб нарафтан ё ба дарсҳо дер мондан надошт. Ҳар саҳар баробари падару модар аз хоб мехест, баъди варзиш дасту рӯяшро нағзакак мешусту нонушта мекард, либосҳояшро пӯшида, роҳи мактабро пеш мегирифт.

Падару модараш аз хонишу рафтори Баҳром хушнуд буданд. Вале ин саҳар Баҳром аз мактабравӣ сар кашид. Модар бисёр хоҳиш кард, баъд коҳишаш дод. Лекин Баҳром аввал надоштани дафтар, сипас дарди сарашро баҳона овард.

Модараш аз ин рафтори Баҳром асабиву малул шуда ба кор рафт. Ханда аз лабони додару хоҳараконаш гурехт. Онҳо ба якдигар ботааҷҷуб менигаристанд: ба Баҳром чӣ шуда бошад?

Ҳамин вақт падари Баҳром аз кори шабона баргашт. Вай хаста буд, истироҳат кардан мехост. Аммо Баҳромро дар хона, назди телевизор дида ба ташвиш афтод.

– Чаро ба мактаб нарафтаӣ, писарам? пурсид ӯ.

– Сарам дард мекунад, базӯр ҷавоб дод Баҳром ва хост ба хонаи хоб гузарад.

Падараш Баҳромро боздошта, ба пешониаш даст расонд.
Баъд гуфт:

– Ҳарорат надорӣ-ку!..

– Намедонам, паси сарам дард мекунад, – барои он ки дурӯғаш фош нашавад, рӯй тофта, нолишкунон гуфт Баҳром.

Падараш бошад, ӯро насиҳат кард:

– Ин корат нағз не, писарам, либосҳоятро пӯшу тез мактаб бирав.

– Дер шудааст, муаллима ҷанг мекунад, ба синф роҳ намедиҳад, бачаҳо механданд, – баҳона овард Баҳром...

Падар аз дасти ӯ дошта, ба мактаб рафт. Ҳама ҷо ором буд. Дар синфҳо дарс мегузашт. Падар дари синфро оҳиста кӯфт. Муаллима, дар як дасташ бӯр ва дар дасти дигараш китоб, аз синф баромад.

– Салом, муаллима, – оҳиста гуфт падар ва ранҷишомез илова кард: – Муаллима, узр, ки имрӯз Баҳром ба дарс дер омадааст. Ман ӯро фиристондам, лекин шумо ба синф роҳ надодаед.

– Наход? Кӣ гуфт? Ман имрӯз Баҳромро акнун мебинам! – хитоб кард муаллима ва бо табассум илова кард: – Баҳромҷон, ту ин хел одат надоштӣ-ку. Нағз не, ҳам ба мактаб наомадаӣ, ҳам дурӯғ гуфтаӣ, падаратро саргардон кардаӣ. Ҳай-ҳай-ҳай. Ку, ба синф даро!

Баҳром аз хиҷолату шарм сар бардошта наметавонист. Ӯ гуноҳашро акнун фаҳмида буд, вале бефоида. Охир, падараш аз дурӯғгӯии вай дар назди муаллима шармсор гашта, сурху сафед шуд. Баҳром гунаҳгорона ба синф даромад. Падараш бори дигар аз муаллима узр пурсида, ба хона баргашт. Вай аз рафтори нодурусти писараш сахт ранҷид...

Фиребгарию дурӯғгӯӣ одамро ана ҳамин хел шармандаву шармсор мекунад.

**Абдулҳамид Самадов**

**Луғат:**

***Коҳиш*** – сарзаниш, таъна, маломат.
***Сипас*** – баъд, пас аз он.
***Хаста*** – монда шуда, шалпар.
***Узр*** – бахшиш.

**Савол ва супориш:**

**1.** Матнро оҳиста хонед ва ба мазмуни он диққат диҳед.
**2.** Баҳром чӣ тавр мехонд?
**3.** Падару модари Баҳром аз чӣ хурсанд буданд?
**4.** Гуноҳҳои Баҳром кадомҳо буданд?

**5.** Падари Баҳром чиро ҳис намуд ва чӣ кор кард?
**6.** Баҳром аз чӣ хиҷолат кашид?
**7.** Баҳром бо киҳо ҳамроҳ шуд ва чӣ натиҷа гирифт?
**8.** Шумо ба рафтори Баҳром чӣ баҳо медиҳед?
**9.** Оё дар синфи шумо ҳам мисли Баҳром бачаҳои дурӯғгӯю фиребгар ҳастанд? Агар бошанд, онҳоро номбар кунед.
**10. Мақолро шарҳ диҳед:**

Бо моҳ шинӣ – моҳ шавӣ
Бо дег шинӣ – сиёҳ шавӣ.

**Машқи 1.** Ду сархати охири матнро нависед.
**Супориш:** Баъд аз навиштани ҷумлаҳо ба зери калимаҳои бадхон, дарсгурез, фиребгар, дурӯғгӯй хатча кашед. Ба калимаҳои ишорашуда саволҳои чӣ хел? чӣ гуна? диҳед ва хонед.
**Машқи 2.** Хонед, диққат диҳед: Баинтизом, аълохон, нағзакак мешуст, падару модараш хушнуд буданд, хоҳиш, коҳиш, кори шабона, хаста буд, ба ташвиш афтод, паси сарам дард мекунад, дурӯғаш фош нашавад, дер шудааст, муаллима ҷанг мекунад, муаллима ба дарс роҳ надод, аз гапат бӯи дурӯғ меояд, шумо ба синф роҳ надодед, нағз не, наомадай, дурӯғ гуфтай, сахт ранҷид.
**Супориш:** Ба киҳо тааллуқ доштани калимаю ибораҳои болоиро муайян кунед ва барои ин бори дигар ба матн рӯй оваред.
**Машқи 3.** Сархати аввали матнро нависед ва ба калимаҳои баинтизом, аълохон, нағзакак саволҳои мувофиқ гузоред.
**Супориш:**
1. Луғатро аз ёд кунед.
2. Дар хотир гиред: сифатро бо исм бандаки изофии «и» алоқаманд мекунад.

Бадтарин гуноҳ дурӯғгӯист. Шахси дурӯғгӯйро на Худованд ва на бандагонаш намебахшанд. Дурӯғашон ҳатман фош мешавад ва худашон шарманда мегарданд. Бинобар ин гуфтаанд: «Умри дурӯғ кӯтоҳ аст». Биёед аз дурӯғ ҳазар кунем ва ҳамеша суханҳои рост бигӯем, зеро ки гуфтаанд: Ростӣ завол надорад.

## ДАРСҲОИ 151–152

### НАРАВ ТИРАМОҲ

Тирамоҳи зарнисор,
Шаддамарҷонат қатор.
Ҳалқаҳояш каҳрабо,
Хандааш пури тилло.
Ҷомаи бараш заррин,
Рӯмоли сараш заррин,
Шитоб накун, зуд нарав,
Ками дигар меҳмон шав.
Тирамоҳи бошукӯҳ,
Пахтаҳояш кӯҳ-кӯҳ,
Меваҳояш боғ-боғ,
Бӯи хушаш дар димоғ.
Ҳосилаш ғарам-ғарам,
Ба гӯшакат гап дорам.
Росташро гӯям ин бор –
Хушрӯтарӣ аз баҳор.
Тирамоҳи зарфишон,
Чун бобоям боғбон,
Дӯстдори меҳмон.
Дастархонат пур – алвон,
Додом барин паҳлавон,
Очам барин меҳрубон.
Мисли хоҳарам Гулрӯ,
Ту хушрӯю зарринмӯ.
Тирамоҳ макун шитоб,
Мадеҳ моро ту азоб.
Боғбон бобои мо –
Чинад як сар меваро,
Ҳосилро карда ғарам,
Додом шавад хотирҷамъ.
Очаҷони меҳрубон,
Хӯрад ғами зимистон.
Гулрӯ ҳарчӣ бошитоб,
Бофад бароям ҷӯроб.

**Гулчеҳра Сулаймонова**

**Луғат:**

***Ин бор*** – ин маротиба.

**Савол ва супориш:**

**1.** Тирамоҳ чӣ гуна фасл аст?
**2.** Магар тирамоҳ ҷомаву рӯмоли заррин дорад?
**3.** Тирамоҳро фасли ҳосилгундорӣ мегӯем, чаро?
**4.** Оё доимо фасли тирамоҳ буда метавонад?
**5.** Бобои деҳқон ҳосили меҳнаташро чӣ бояд кунад?
**6.** Модар барои чӣ ғами зимистон мехӯрад?
**7.** Шеърро ифоданок хонед.

**Машқи 1.** Матнро бодиққат хонед ва калимаҳои заррин, бошукӯҳ, кӯҳ-кӯҳ, боғ-боғ, ғарам-ғарам-ро бо исмҳояшон аз шеър ёфта нависед.

**Супориш:** Фаҳмонед, ки ин калимаҳо аломати чиро ифода мекунанд? Ҳалқаҳояш (чӣ гуна?) – каҳрабо, хандааш (чӣ хел?) – пури тилло, ҷомааш (чӣ гуна?) – заррин, ...

**Машқи 2.** Баъд аз иҷрои супориши боло сифатҳоро бо саволҳояшон нависед.

**Супориш:**

**1.** Аз матн 10 мисраашро интихобан аз ёд кунед.

**2.** Дар бораи фасли тирамоҳ фикратонро бо якчанд ҷумлаи алоқаманд баён созед. Аз калимаҳои додашуда истифода баред: тирамоҳ, ҳосилғундорӣ, меваҳо, пурфайз, хазонрез.

## ДАРСҲОИ 153–154

Акнун фасли зебою пурфайзи тирамоҳ ҳам паси сар шуд ва ин фасли пуршукӯҳ навбатро ба фасли зимистони қаҳратун супорид.

Тирамоҳи тиллоӣ мавсими ғунучини меваю сабзавот ва ғалладона буд. Марди деҳқон ҳосили бо араҳи ҷабин расондаашро ҷамъ кард.

Зимистон бошад, нозу нузи худро дорад. Дар зимистон мо маҷбур мешавем, ки либосҳои гармтар пӯшем ва хонаҳоямонро гарм нигоҳ дорем.

Фасли зимистон бо барф зебо аст.

Дар моҳи январ мо, бачаҳо, ба таътили зимистона мебароем. Хурсандии мо ҳадду канор надорад, зеро ки мо дар таътил ба бозиҳои гуногун машғул мешавем ва барфбозиро ҳам фаромӯш намекунем.

## БАРФИ АВВАЛ

Осмони каб-кабуд
Яке пури лаклак шуд.
Дару тирезаи мо,
Ҳамон замон тақ-тақ шуд.
Барфи аввал рез-рез,
Ордакатро без-без.
Барфи калон бесадо,
Мекунад моро нидо.
Тӯйе аҷаб шуд ба по,
Кӯча пур аз бачаҳо.
Барфи калон бор-бор,
Туро будем интизор.
Кӯча пури момо шуд.
Майдон пури бобо шуд.
Ҷаҳон-ҷаҳон хурсандӣ,
Андар дили мо ҷо шуд.
Барфак, рез, барфак, рез,
Теппа шавад ҳар чӣ тез.

Барфи ширинкор омад,
Савори бисёр омад,
Ба ёди мо якбора
Барфии перор омад.
Барфак, бишав пояндоз,
То мо кунем даву тоз.
Рӯмоли кулча-ҳалво
Ҳама барои момо,
Шояд наёбад ин бор
Момо барфии моро.
Барфи аввал рез-рез,
Ордакатро без-без.
Як барфи калон бошад,
Лаклак фаровон бошад.
Аз шӯхиҳои сармо
Чеҳраҳо алвон бошад.
Барфи нав-хаёли нав,
Нишонаи Соли Нав!

**Гулчеҳра Сулаймонова**

## ЧИСТОН

**1.** Мепараду параш не,
Мешинаду изаш не. (б . р ф .)

**2.** Шир-шири шаррак,
Донаҳои таррак. (б . р ф .)

**Луғат:**
***Садо*** – овоз. ***Нидо*** – фарёд.

**Супориш:**
**1.** Шеърро бо оҳанг хонед ва ба мазмунаш диққат диҳед.
**2.** Барои чӣ бачаҳо барфи аввалро интизор мешаванд?

**3.** Барфи аввал аз чӣ муждагонӣ медиҳад?
**4.** «Барфӣ бурдан» ё «барфӣ додан» чӣ маънӣ дорад? Оё шумо онро риоя мекунед?

**Машқи 1.** Сифатҳоро аз матн муайян карда, баъд онҳоро нависед.
**Супориш:** Фарқи байни исм, сифат ва феълро бо ёрии саволҳои ин ҳиссаҳои нутқ фаҳмонда диҳед.

> **Намуна:** Исм номи ашёҳоро ифода мекунад ва ба саволҳои кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо? ҷавоб мешавад.

**Мисол:** Кӣ? Наврӯз, чӣ? – хона.
**Машқи 2.** Матнро аз назар гузаронед ва ба калимаҳое, ки аломату хусусияти ашёҳо (исмҳо)-ро ифода мекунанд, савол гузоред. Масалан: Осмони каб-кабуд (чӣ хел осмон?), ...
**Машқи 3.** Ба ин саволҳо ҷавоби мувофиқ диҳед: Барфи лак-лакӣ, ҳавои хунук, либоси гарм, шамоли сард, саҳрои барфпӯш, осмони каб-кабуд.

> **Намуна:** Чӣ хел барф? – Барфи лак-лакӣ... Баъд аз иҷрои машқ ибораҳои болоро бо саволҳояшон нависед.

**Супориш:**
1. Аз матн якчанд мисраашро интихобан навишта аз ёд кунед.
2. Дар бораи барфи аввал ҳикоя нависед.

## ДАРСҲОИ 155–156

## ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки заифае буд ва работе дошт дар биёбон, ки он ҷо мезист. Ӯро духтаре буд нобиноюю ногиро ва пойи ӯ нораво. Ин иллатҳо ӯро модарзод буд.

Шабе дуздон дар он работ фурӯ омаданд. Мехостанд, ки бомдод корвонеро ғорат кунанд. Он заифа эшонро мусаллаҳ дида пиндошт, ки онҳо ғозиёнанду ба ғазо мераванд. Андак орд дошт, дарҳол хамир карда овард. Баъд аз таом ибрику коса овард ва илтимос кард, ки дастҳои муборакихудро дар ин коса бишӯед. Дуздон дастҳои худро бишустанд. Он зан оби дастшустаи эшонро оварда ба дасту пою

чашми духтари худ молид ва ба Худои таъоло муноҷот карду гуфт: «Эй бор Худоё, ба ҳаққи ҳурмати оби дастшустаи ғозиён духтараки манро шифо бидеҳ!». Ба фармони Худои таъоло дарҳол чашми духтарак бино шуд ва дасташ гирою пояш равон. Он зан ба даргоҳи Худои таъоло муноҷот карда, гиряву зорӣ менамуд. Дуздон овози гиряи зан шуниданд, дар тааҷҷуб монданд, ки он занро чӣ воқеа шуда бошад. Дарҳол он духтаракро гирифта ба пеши дуздон оварду гуфт: «Эй ғозиёни муборакрӯй, аз баракати оби дастшустаи шумо Худои таъоло духтарамро сиҳатӣ дод, чашмони ӯ рушан гашт, дасти ӯ гиро шуд ва пойи ӯ равон.» Чун дуздон ин ҳолат шуниданд, тавба карданд ва ҳама ба роҳи рост даромаданду ҷумла обидону зоҳидони замон гаштанд. Эй аҷаб касе, ки ба дуздон гумони некӣ бурд, ба мурод расид ва агар гумони нек дар ҳаққи олиме бурд, донӣ, ки чӣ савобе бошад?

**Аз «Дуррулаҷоиб»**

**Луғат:**

***Заифае*** – зане, модаре.
***Мезист*** – истиқомат мекард, зиндагӣ мекард.
***Пиндошт*** – гумон кард, фикр кард.
***Муноҷот*** – зорию тавалло.
***Работ*** – ҳавлӣ, кулба.
***Эшонро*** – онҳоро.
***Ибриқ*** – зарф барои об, кӯзача.
***Дарҳол*** – зуд, фавран.

## Савол ва супориш:

**1.** Матнро оҳиста ва бодиққат қироат кунед.
**2.** Зан бо кӣ ва дар куҷо зиндагӣ мекард?
**3.** Духтари он заифа дар чӣ ҳолат буд?
**4.** Ба хонаи он зан киҳо «меҳмон» шуданд?
**5.** Он зан дуздонро киҳо гумон кард?
**6.** Оби дасти он роҳзанонро зан чӣ кор кард?
**7.** Худои ғамхор дуои он занро чӣ кард?
**8.** Духтар оё шифо ёфт ё не?
**9.** Гумони нек дар ҳаққи одамон, хусусан дар ҳаққи олимон чӣ савоб меовардааст?
**10.** Ҳамеша покдилу покният бошед, Худо мукофоти шуморо, албатта, медиҳад, азизон!
**11.** Хонед ва дар ёд доред: Нияти нек – ними давлат.

**12.** Ба саволҳои зерин ҷавоби хаттӣ нависед.

**Намуна:**

– Зан бо кӣ ва дар куҷо зиндагӣ мекард?

– Зан бо духтараш дар биёбоне зиндагӣ мекард, ...

**13.** Баъд аз навиштани ҷавоб ба саволҳо ба зери бандаки изофии «и» хатча кашед.

**14.** Матнро такроран хонед, мазмунашро ба падару модар ё ягон каси дигар нақл кунед.

## ДАРСҲОИ 157–158

Тоҷикистони моро диёри сероб меноманд, зеро Худованд ба он кӯҳҳои баланд ва дарёҳои азим, аз қабили Сиру Зарафшон, Душанбею Кофарниҳон, Вахшу Сурхоб ва Панҷро ато кардааст.

Мардум дуруст мегӯянд, ки «Об ҳаст, ободӣ ҳаст». Аз ин рӯ мо бояд ба қадри ҳар қатраи он бирасем ва онро тоза нигоҳ дошта, ба беҳуда сарфшавиаш роҳ надиҳем.

Об ҳаст, ҳаёт ҳаст. Ҳамаи мавҷудоти олам аз одам сар карда то ҳайвоноту парандаҳо, ҳашароту наботот ва дарахтону растаниҳо бе об вуҷуд дошта наметавонанд. Беҳуда нест, ки дар бораи ин мӯъҷизаи табиат шоирону нависандагон шеъру достонҳо офаридаанд. Бо ин мақсад шоир Ҳабибулло Файзулло низ таронаи хубе дар бораи об эҷод кардааст, ки намунаашро хонед ва аз он ҳаловат баред. Ба қудрату тавоноии об қоил шавед.

### АФСОНАИ ОБ

Дашти пур аз саробро акнун сароб нест,
Дигар ба ёди ташнагон афсона об нест.
Дарёи Вахшро нигар, баҳри дамон шуда,
Он Тутқавули бостон, аз нав ҷавон шуда...
Вахше тамоми умри худ, фарёд мезадӣ,
Ғуррида ҳамчун тундареву дод мезадӣ.
Акнун диранг дораду туғён намекунад,
Дар тангно фитодаву исён намекунад.

Занги кудурати куҳан такшон намудааст,
Покиза аз гили сияҳ домон намудааст.
Аз тангно дамидаву оҳиста, ноаён,
Дасте диҳад аз қуллаҳо бар абри осмон.
Маҷрои нав ба ҷониби саҳро кушоданист,
Вахше барои мардуми фардо кушоданист.
Дашти пур аз саробро акнун сароб нест,
Дигар ба ёди ташнагон афсона об нест.

**Ҳабибулло Файзулло**

## ЧИСТОНҲО

**1.** Беди дароз,
Соя надорад? (. б)

**2.** Як мардаки хушсафар,
Меравад ба ҳар хатар. (о .)

**3.** Банди дарози дилрабо,
Меравад ба гирди дунё. (о .)

**Луғат:**

***Тутқавул*** – номи деҳае дар шафати шаҳри Норак.
***Баҳри дамон*** – баҳри даманда, тунду тез, пурҷӯшу хурӯш.
***Бостон*** – қадим, кӯҳна.
***Диранг*** – таъхир, сустӣ, оҳиста, оромона.
***Тангно*** – ҷои танг, дараи кӯҳ, роҳи миёни ду кӯҳ.
***Гили сияҳ*** – хоки сиёҳ.
***Домон*** – доман.

**Супориш:**

**1.** Таронаро хонед.
**2.** Луғатҳоро аз назар гузаронед.
**3.** Чистонҳоро хонед.

**Машқи 1.** Порчаи шеърро ба дафтаратон нависед.

**Супориш:**

**1.** Хонед ва шарҳ диҳед: **дашти пур аз сароб, баҳри дамон, Тутқавули бостон.**

**2.** Ба калимаю ибораҳои боло саволҳои мувофиқ гузоред.

**Намуна:** Чӣ хел дашт? – Дашти пур аз сароб. Чӣ хел баҳр? – Баҳри дамон...

**Машқи 2.** Бо калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: об, дарё, абр, кӯҳ.

**Супориш:** Сифати ҷумлаҳои тартибдодаатонро муайян карда ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред ва нависед.

**Машқи 3.** Луғатҳои зерматнро нависед ва онҳоро дар хотир нигоҳ доред.

**Супориш:** Сифатҳоро аз луғатҳои навишташуда муайян созед.

## ДАРСҲОИ 159–160

## УҚОБИ ПИР ВА УҚОБИ ҶАВОН

Рӯзе уқоби пиру уқоби ҷавон дар осмони лоҷвардӣ баланд парвоз мекарданд. Осмон софу мусаффо буд ва ҳаво нарму роҳатфазо. Боди сабуки форам мевазид ва офтоб ба рӯи онҳо механдид. Дили уқоби ҷавон, ки бори аввал аз ошёнаи худ берун меомад, аз шодию фараҳ лабрез. Чӣ хел зебо осмони лоҷвардӣ. Чӣ хел гуворост озодӣ. Чӣ хел хуб аст чунин роҳбаладӣ бозарофат ва куҳансолу бофаросат доштан.

Уқоби ҷавон гоҳе ба пеш мегузашт, гоҳе ба боло мебаромад ва гоҳе бо шаст аз авҷи само сарозер ба поён мефаромад.

Уқоби пир ин ҷастухез ва шодии уқоби ҷавонро дида, носеҳона мегуфт:

– Эҳтиёт бош аз одамон, эй писарҷон. Макри онҳо беҳадду ҳисоб аст ва доми онҳо чашми фиреб. Мабодо барои сайде аз по наафтӣ. Аввал аз авҷи само ба замин чашм дӯз ва он гоҳ ба сайди худ ҳамла овар. Нашунидаӣ, ки одамон мегӯянд: «Бе пир марав, ки дар бимонӣ, ҳарчанд Сикандари замонӣ». Ба ман нигоҳ кун, ҳу дар зери он буттаи хурде гунҷишкеро мебинӣ? Ман онро барои ту шикор мекунам. Ту ҷусту чолокӣ ва чашмтезии маро тамошо кун. Уқоби пири мутакаббир қанотҳояшро дарҳам кашида чун тир ба гунҷишкчаи бечора ҳуҷум намуд, аммо надонист, ки дар зери бутта ба ғайр аз гунҷишк доме ҳам ҳаст.

Вақте ки уқоби пир ба дом сахт печид, уқоби ҷавон аз дили пурдард оҳ кашиду гуфт:

– На ҳар кас, ки пир аст,ботадбир аст.

### Савол ва супориш:

**1.** Уқоби пир ва уқоби ҷавон дар куҷо парвоз мекарданд?
**2.** Уқоби ҷавон чӣ мехост?
**3.** Уқоби пир ба уқоби ҷавон чӣ насиҳат кард ва кадом пандро мисол овард? Мазмуни онро шарҳ диҳед.
**4.** Баъд уқоби пир ба уқоби ҷавон чиро нишон доданӣ шуд ва ҷаро худ дар дом афтод?
**5.** Сухани уқоби ҷавонро дар хотир гиред ва онро маънидод кунед.
**6.** Ба зӯрию тавоноии худ мағрур нашавед.

**Хулоса:** Эҳтиёт – ними ҳаёт.
**Машқи 1.** Матнро хонед, сифатҳояшро муайян кунед ва ба аломати ашёҳо саволҳои мувофиқ гузоред.
**Машқи 2.** Аз матн исмҳоро бо сифатҳояшон нависед.
**Машқи 3.** Дар хотир гиред:
**1.** Сифат ҳиссаи нутқ буда, аломати ашёро – (исмро) мефаҳмонад.
**2.** Сифат ба воситаи ба исм гузоштани саволҳои чӣ хел? чӣ гуна? муайян мешавад.
**3.** Сифат танҳо аломату хосият ва чигунагии исм ё ашёро ифода мекунад. Феъл бошад, амали исмро ифода менамояд ва ҷои феъл асосан дар охири ҷумла аст.
**4.** Дар бисёр ҳолатҳо сифатҳо баъд аз исмҳо меоянд.

**Ёддошт:** Сифатро бо исм бандаки изофии «и» алоқаманд мекунад.

## ДАРСҲОИ 161–162

## ОДОБИ ЛИБОСПӮШӢ

Бидонед, ки рангҳои либос гуногунанд ва маъние доранд.

Агар пурсанд, ки либоси сафед чӣ маънӣ дорад? Бигӯй: – ранги сафед ранги рӯз аст ва зеби онҳоест, ки дилҳояшон аз тирагиву адоват соф бошад ва чун рӯз ба ҳама равшанӣ бахшад.

Агар пурсанд, ки либоси сабз чӣ маънӣ дорад? Бигӯй: – ранги сабз ранги об аст ва зеби олиҳимматон ва зиндадилон аст, ки ин рангро бисёр писанданд. Ҳар кӣ ин ранг либос пӯшад, бояд чун об поктинат ва софдил бошад, то ба ҳар кас дилпазир гардад.

Агар пурсанд, ки либоси сиёҳ чӣ маънӣ дорад? Бигӯй: – ранги сиёҳ ранги шаб аст ва ранги мардумаки дида ва либоси мардумест, ки дилашон хазинаи асрор бошад ва ҳоли худро аз ҳама махфӣ доранд. Монанди мардумаки дида ҳама касро бинанд ва худбинӣ накунанд. Чунон, ки гуфтаанд:

Аз мардумаки дида бибояд омӯхт,
Дидан ҳама касрову надидан худро.

Агар пурсанд, ки либоси кабуд чӣ маънӣ дорад? Бигӯй: – ранги кабуд ранги осмон аст, касеро зебад, ки дар ҳоли худ тараққӣ карда бошад. Ҳар кӣ ин ранги либос пӯшад, бояд ки чун осмон олиқадр ва баландҳиммат бошад. Ба ҳама кас соя афканад ва рӯзу шаб аз ҳаракат наосояд.

**Луғат:**

***Тирагӣ*** – сиёҳӣ.
***Адоват*** – душманӣ.
***Поктинат*** – покиза, вуҷудаш пок.
***Дилпазир*** – мақбул, писанд.
***Мардумаки дида*** – гавҳараки чашм.
***Наосояд*** – ором нагирад.

## Савол ва супориш:

1. Матнро ором хонед ва ба мазмуни он диққат диҳед.
2. Рангҳо чӣ хел мешудаанд?
3. Рангҳои либосро номбар намоед ва онҳоро эзоҳ диҳед.
4. Либоси хонагӣ аз либоси мактабӣ чӣ фарқ дорад?
5. Либосро тозаю озода нигоҳ доред, шуморо зебо медорад.

**Машқи 1.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед.

**Машқи 2.** Сифатҳои матнро муайян созед ва шифоҳӣ фаҳмонда диҳед.

**Машқи 3.** Имлои интихобӣ: аз матн сифатҳояшро муайян карда нависед.

**Намуна:** либоси сафед, ...

**Машқи 4.** Оид ба тарзи пӯшидани либос нақл кунед.

Шарҳ диҳед: «Ту маро тоза нигоҳ дор, ман туро шаҳ медорам».

**Супориш:** Гӯед, ки суханони боло мазмун доранд?

## ДАРСҲОИ 163–164

### ҚАСОС
### Ҳикоя

Нозанин тӯббозӣ мекард. Ногоҳ тӯб аз дасташ хато хӯрду ғелон шуд.

– Ҳой! Ҳой ист! Аз паси тӯби ғелон давида хитоб кард ӯ.

Тӯб ғелида зери кат даромаду аз чашм нопадид гашт.

– Ба гапам боз гӯш накардӣ, а? Боз ғелида рафтӣ, а?

Дигар бо ту бозӣ намекунам! Ман бо ту қаҳрӣ!

Духтарак бо ситеза болои кат нишаст. Хеле нишаст. Дилаш зиқ шуд. Аз кат фаромада аз нав ба сарзаниши тӯб сар кард:

– Ҳоло ҳам бошад, худат баро!

– Наметавонӣ?

Ғелида рафта тавонистӣ! Акнун баромада наметавонӣ?

...

– Ҳозир дошта чунон адабатро диҳам, ки!..

Нозанин хам шуда аз зери кат тӯбро гирифту бардошта ба замин зад. Тӯб ба замин бархӯрду бошаст баргашта ба сари Нозанин кӯфт.

– Ӯх, тӯби балоча, – гуфт Нозанин бо ду даст сараашро дошта. Аммо намедонист, ки бигиряд ё бихандад.

**Тоҷинисо Азизова**

**Савол ва супориш:**

**1.** Нозанин бо тӯбчаи худ чӣ гуна гуфтугузор мекард?

**2.** Тӯбча ба куҷо ғел хӯрда даромад? Нозанин чӣ кор кард ва оқибат чӣ шуд?

**3.** Шумо ба ҷуз тӯббозӣ боз бо кадом бозии дигар машғулед, гуфта диҳед.

**Машқи 1.** Матнро хонед ва сифатҳояшро муайян кунед.

**Машқи 2.** Шеъри зеринро қироат кунед ва ба сифатҳо савол гузоред:

**Намуна:** Чӣ хел бача? – Бачаи дилҷӯ, ...

## НАВОЗИШИ МОДАР

Бачаи дилҷӯи ман,
Кабкаки хушрӯи ман.
Тӯтии хушгӯи ман,
Эй рагу пайванди ман,
Ҷону ҷигарбанди ман,
Боғи умедам туӣ,
Бахти сафедам туӣ...

**Машқи 3.** Бо исмҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва сифат илова намоед: Ниҳол, дарахт, ҳосил, ангур.

**Намуна:** Мо дар боғи мактаб ниҳолҳои босамар шинондем, ...

**Супориш:**

**1.** Ба сифатҳои навишташуда саволҳои мувофиқ гузоред.
**2.** Шеъри «Навозиши модар»-ро аз ёд кунед.

**Таъкид:** Диққат диҳед, ки дар ин шеър исмро бо сифат чӣ (кадом ҳарф) алоқаманд гардонидааст.

## ДАРСҲОИ 165–166

## ТӮБ

Дар саҳни деҳа бачаҳо футбол мезаданд. Вале бозиашон зуд-зуд қатъ мегардид. Тӯб байни пойҳо монда пачақ мешуд, нағз намеғелид, ба нишон намерасид.

Тӯби чармиашон сӯрох дошт.

Ҳамин вақт Искандар тӯби нави футбол дар бағал назди бачаҳо омад. Ҳама ба сӯи ӯ тохтанд.

– Биё футбол занем, – таклиф кард Бадал.

– Даста ҳам тайёр, – таклифи ӯро қувват дод Ҳоҷӣ.

– Мо аллакай ду тақсим шудагӣ, бори дигар почаи шимҳояшро бар зада ба гап ҳамроҳ шуд Раҷаб. – Ҳой Мурод, рав ту дарвозабон!

Аммо аз Искандар садое набаромад...

– Набошад, бо ана ин чанбарак бозӣ карда ист, – чархи велосипедро дароз карда гуфт Раҷаб. – Чанбараки зӯр. Худам аз велосипеди акоям кушода гирифтам. Мо бо тӯби ту футбол занем...

Искандар бо ҳавас ба чанбарак нигарист. Чанбарак ялаққос мезад. Агар Искандар соҳиби чунин чанбарак мешуд, ҳама ҳавас мекарданд. Вале тӯб ба назари Искандар беҳтар тофт.

– Бо сангпушт иваз намекунӣ? – хоҳиш кард Ҳоҷӣ. – Сангпушти ман ром шудагӣ. Ту бо сангпушту мо бо тӯб бозӣ мекунем.

– Искандар кай боз дар орзуи сангпушт буд. Баъди ин таклиф ҳатто сангпуштро дар дасти худ ҳис карда, табассум намуд. Аммо бо вуҷуди он аз тӯб дил канда наметавонист.

– Ту тӯбатро ба мо деҳ, ман ба ту бодбаракро медиҳам, – бодбаракашро дароз намуда илтиҷо намуд Мурод. – Мепаронию мазза карда тамошо карда мешинӣ...

Мурод бодбаракро ба ӯ дод. Искандар бодбаракро даст-даст карда дид. Бодбарак ба ӯ маъқул шуд. Вале ба назараш тӯб нағзтар намуду розӣ нашуд.

– Не, ман тӯбамро ба ҳеҷ чиз иваз намекунам, – қатъӣ гуфт Искандар. – Ҳамин хел диҳед, майлаш, мегирам.

– Ӯ-ҳӯ! – масхара кард Ҳоҷӣ.

Искандар аз сангпушту чанбарак ва бодбарак чашм намеканд.

– Рафтем, бачаҳо, монед, ба чизи ҳамин хасис кордор нашавед, – гуфт Раҷаб.

Бачаҳо боз бо тӯби сӯрохи худ машғули бозӣ шуданд.

Искандар тӯб дар даст шах шуда монд.

### Савол ва супориш:

**1.** Бачаҳо ба чӣ кор машғул буданд?
**2.** Дар дасти Искандар чӣ хел тӯб буд?
**3.** Тӯби бачаҳои дигар чӣ гуна будааст?
**4.** Раҷабу Мурод ва Ҳоҷӣ аз Искандар чӣ хоҳиш кардаанд?
**5.** Искандар чӣ ҷавоб дод?
**6.** Оқибат бачаҳо бо кадом тӯб машғули бозӣ шуданд?
**7.** Шумо ба рафтори Искандар чӣ баҳо медиҳед?

**Шарҳ диҳед:**

Сахӣ дар ҳар ду олам сарбаланд аст.
Бахилиро даст кӯтоҳ, гӯр танг аст.
Бахилиро макун ту пеша бар худ,
Бахилиро набошад заррае суд.
Бидон, ки гуфтаанд пирони доно,
«Ки меҳўрад бахил охир сари худ».

**Машқи 1.** Матнро қироат кунед ва сифатҳояшро муайян карда ба зерашон хат кашед.

**Машқи 2.** Сифатҳоро аз матн ҷудо карда нависед ва ба зерашон хат кашед.

**Машқи 3.** Ба ҷои нуқтаҳо сифатҳои дар қавс бударо бо исмҳо ҳамроҳ карда нависед:

Писари ..., духтари ..., модари ..., ҳамсояи ..., падари ...
(чаққон, боодоб, меҳрубон, ғамхор)

**Намуна:** Писари чаққон, ...

**Супориш:**

1. Ин калимаҳоро таҳлили овозӣ кунед: шаҳр, деҳа, ноҳия, кишвар.
2. Садонокҳои калимаҳои навиштаатонро номбар созед.

**Намуна:** шаҳр: ш-а-ҳ-р, а – садонок.

**Машқи 4.** Матнро бори дигар аз назар гузаронед ва исмҳои хосро муайян карда нависед.

**Супориш:**

1. Фаҳмонед, ки исмҳои навиштаатон чаро бо ҳарфи хурд навишта нашудаанд.
2. Исмҳои хосро аз матн ҷудо карда нависед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

## ДАРСҲОИ 167–168

## ОИНИ ГАРМОБА РАФТАН

Бидон, эй писар, ки чун ба гармоба равӣ, ба серӣ марав, ки зиён дорад. Аммо гармоба сахт хуб чизе аст ва шояд гуфт, то ҳокимон биноҳо ниҳодаанд, аз гармоба чизе беҳтар насохтаанд. Лекин бо ҳама некӣ

ҳар рӯз ба гармоба рафтан суд надорад, балки зиён дорад, ки асабу узвҳо нарм кунад ва сахтии вай бибарад. Ва табиат одат кунад ҳар рӯз ба гармоба шудан, чун як рӯз наравӣ, он рӯз чун беморе бошӣ ва андомҳо дурушт шаванд.

Пас чунон бояд, ки ҳар ҳафтае як бор равӣ то танро фоида кунад.

Ва чун зимистону тобистон ба гармоба равӣ, аввал дар хонаи сард як замон маътал шав, чунон ки табъ аз вай баҳра биёбад. Онгоҳ дар хонаи миёна рав ва он ҷо як замон бинишин то аз он хона низ баҳра биёбӣ. Чун гармии гармоба дар ту асар кард, дар хилватхона рав ва сар он ҷо бишӯй.

Ва бояд ки дар гармоба бисёр наистӣ ва оби сахт гарму сахт сард бар худ нарезӣ, бояд ки мӯътадил бошад...

Чун аз гармоба берун ой, мӯйро сахт хушк бояд кардан, он гоҳ ба берун рафтан, ки бо мӯи тар ба роҳ рафтан хуб набошад.

**Унсурулмаолии Кайковус**

**Луғат:**

***Оин*** – тартиб, қоида.
***Гармоба*** – ҳаммом.
***Суд*** – фоида.
***Зиён*** – зарар.
***Асар*** – таъсир.
***Сард*** – хунук.
***Баҳра*** – манфиат.

**Савол ва супориш:**

**1.** Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.
**2.** Магар ба ҳаммом бо шиками сер рафтан мумкин аст?
**3.** Дар гармоба ба кадом қоидаҳо бояд риоя кард?
**4.** Оиди аҳамияти ҳаммом сӯҳбат ташкил кунед.

## ЧИСТОН

Сатил-сатил об равон,
Аз болои одамон,
Овози ғалоғула,
Ҷаранг-ҷурунг фаровон? (ҳам . . м)

**Машқи 1.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Аз матн сифатҳояшро муайян карда савол гузоред. Сард – чӣ хел?
**Машқи 2.** Сифатҳоро аз матн интихоб карда нависед.
**Супориш:** Ба калимаҳои додашуда сифатҳо илова карда нависед: Дарахт, себ, боғ, ҳосил.
**Машқи 3.** Дар мавзӯи «Тозагӣ кафолати саломатии инсон» нақли хаттӣ нависед.

**Нақшаи нақл:**
1. Ҳаммом ва аҳамияти он.
2. Тозагии сарулибос ва бадани инсон.
3. Зарари чиркинии сарулибос ва тани инсон ба сиҳатии кас.

## ДАРСҲОИ 169–170

## ДОСТОНИ ГУРГУ РӮБОҲУ УШТУР

Дар замони қадим уштуре, гурге ва рӯбоҳе дар сафаре ҳамроҳӣ намуданд. Бо онҳо аз тӯшаи роҳ танҳононе буд. Ва чун замоне роҳ рафтанд, ҳарорати ташнагиашон қувват гирифт. Бар лаби обе бинишастанд ва дар миёни эшон аз барои нон ҷанҷоле бархост ва шарт гузоштанд, ки ҳар касе ба синну сол калонтар аст, кулчаро ҳамон мехӯрад. Гург гуфт:

– Пеш аз он ки Худои таъоло ин ҷаҳон биёфарид, маро ба ҳафт рӯз пештар модарам зоида буд.

Рӯбоҳ гуфт:

– Рост мегӯӣ, ман он шаб дар он ҷо ҳозир будам ва шуморо чароғ фаро медоштам ва модаратро дастёрӣ мекардам.

Уштур чун суханони гургу рӯбоҳ бар ин шунид, гардан дароз кард ва нон баргирифту хӯрд ва гуфт:

– Ҳар кӣ маро бинад, ба ҳақиқат донад, ки ман ба ин шаклу ҳайбат шаб назодаам аз модар ва аз шумо бисёр калонтараму ҷаҳон аз шумо зиёд дидаам ва бор бештар кашидаам.

**Аз «Синбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ**

### Савол ва супориш:

**1.** Се дӯстони ҳамсафар чаро дар роҳ бо ҳам баҳс карданд?
**2.** Онҳо байни худ чӣ шарт гузоштанд?
**3.** Аввал чӣ ба дурӯғгӯӣ оғоз кард?
4. Рӯбоҳ ба гург чӣ гуфт?
**5.** Уштур ба суханони гургу рӯбоҳ чӣ ҷавоб гардонд?
**6.** Оё мумкин набуд, ки онҳо нонро бо ҳам баробар тақсим кунанд? Бачаҳо шумо чӣ мегӯед?

**Шарҳ диҳед:**
Баробарҳаққӣ чӣ маъно дорад? ...
**Машқи 1.** Матнро қироат карда сифатҳои онро ёфта нависед.
**Машқи 2.** Ибораҳои зеринро хонед ва шарҳ диҳед:
Дӯстони вафодор, дӯстони бевафо, дӯстони ҳақиқӣ, дӯстии абадӣ, муҳаббати падар, муҳаббати модар, муҳаббати Ватан.
**Машқи 3.** Сифатҳои зеринро бо исмҳои дар қавс буда мувофиқ карда нависед ва ба зери сифатҳо як хатча ва ба зери исмҳо ду хатча кашед: Шавқовар, васеъ, гарм, сард, ширин, калон, тобон, ростгӯй, бевафо (китоб, роҳ, нон, ҳаво, ангур, дӯстон).
**Намуна:** Китоби шавқовар, ...
**Супориш:** Дар хотир нигоҳ доред:
**1.** Ҳар ҳарф овоз дорад, вақте, ки онро талаффуз мекунем, овоз ҳосил мешавад: о, б, к.
**2.** Ҳар калима ҳарф дорад: Шод, сир, ...

## ДАРСҲОИ 171–172

## ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки марде бо зани худ нишаста мурғбирён мехӯрд. Соиле (гадо) биёмад, дид, орзу бурда мегуфт, ки аз он чизе, ки мехӯред, ба ман луқмае бидиҳед. Он мард гуфт: «Гадо лоиқи мурғбирён нест». Алқисса, ҳеҷ надоданд ва дуруштӣ карданд. Он соил дилтанг шуда бозгашту бо ҳасрат равон шуд. Чун он соил бирафт, он мард ба иллате мубтало гашт. Тангдастӣ ва бебаракатӣ

дар хонаи ӯ пайдо шуд. Дар андак вақт на хона монд ва на асбоби хона ва зан ҳам аз ӯ баромад ва шавҳари дигар кард. Алқисса, зан бо шавҳари дуюм бо ҳамин дастур нишаста мурғбирён мехӯранд. Он гоҳ соиле биёмад ва эшонро дид, ки мурғбирён мехӯранд. Он гоҳ соил гуфт: «Эй хоҷа, чӣ шавад, ки аз он таом луқмае ба ман бидиҳӣ, ки гуруснаам». Зан гуфт: «Нимаи мурғро бидиҳам?». Он мард гуфт: «Эй зан, аз барои ризои Худои таъоло нимаи мурғро додан нек нест, ин мурғро дуруст бурда бидеҳ». Он зан он мурғро дуруст бурда ба он дарвеш дод. Дид, ки ин дарвеш марди аввалини ӯ будааст. Бар вай раҳм омад ва гирён дар хона даромад. Шавҳар гуфт: «Чаро мегириӣ?» Зан воқеаи гузаштаи худ, ки бо шавҳари аввал мурғбирён мехӯранд ва ҳоло ба гадоӣ ба дари хонаи ӯ омадааст, ҳамаро баён кард. Шавҳари дуюм гуфт: «Хонаи шумо куҷо буд?» Зан гуфт: «Дар фалон ҷой». Он мард гуфт: «Аз ин аҷабтар набуд бигӯям: он соил, ки ба хонаи шумо омада буд, ман будам ва шумо мурғбирён мехӯрдед, ба ман надодед ва дуруштӣ кардед.

Аз ношукрии шумо Худои таъоло неъмат аз шумо бигирифт ва ба ман дод, ту ки зани ӯ будӣ, насиби ман кард... ман ба шукронаи он ҳол мурғи дурустро ба соил (гадо) додам, то бидонӣ, ки некӣ ба ҳеҷ кас зиён накунад».

**Аз «Дуррулаҷоиб»**

**Луғат:**

*Соил* – гадо, талбанда.
*Алқисса* – хуллас, хулоса, қисса кӯтоҳ.
*Ба ҳамин дастур* – ба ҳамин тарз.
*Хоҷа* – ин ҷо ба маънои хӯҷаин, соҳибхона.
*Ин мурғро дуруст бидеҳ* – ин мурғро пурра ё бутун бидеҳ.
*Луқма* – навола.
*Иллат* – дард, офат, бало.
*Дуруст* – пурра.

## Савол ва супориш:

1. Зану шавҳар чӣ мехӯранд?
2. Соил аз онҳо чӣ хоҳиш кард?
3. Мард ба гадо чӣ ҷавоб дод?
4. Аз хасисии мард ба оилаи онҳо чӣ воқеа рух дод?
5. Чаро аз хонаи онҳо баракат парид?
6. Оқибат кори он мард чӣ мешавад ва ба назди кӣ ба гадоӣ меояд?

**7.** Он марди гадо чӣ мепурсад?
**8.** Шавҳари зан ба ӯ чӣ фармон медиҳад?
**9.** Он зан пас аз мурғбирёнро ба ӯ додан чаро гирён аз дар медарояд?
**10.** Шавҳараш аз ӯ чиро пурсон мешавад ва баъд зан чӣ мегӯяд?
**11.** Оқибати хасисию мумсикӣ чӣ будааст?

**Панд:** Ҳамеша некдилу дасткушод ва хайрпешаю хайрандеш бошед.

**Машқи 1.** Матнро хонда мазмунашро нақл кунед. Аз дохили ҳикоят калимаҳои мард, зан, мурғбирён, гадо, (соил), лоиқ, дилтанг, бебаракатӣ, хоҷа, таъом, луқма, воқеа, баён, ношукрӣ, некӣ-ро нависед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.
**Машқи 2.** Ба чор саволи зерматн интихобан ҷавоби хаттӣ нависед.

## ЧИСТОН

Пастак занакон,
Пасту баландак занакон,
Хонарӯбак занакон,
Кӯчадавак занакон. (м . рғ)

## ДАРСҲОИ 173–174

## ХАРИ СИЁҲИ АМАКИ САНГИН

Хар ҳам дар афсона, ҳам воқеан ҳайвони дар якравӣ машҳур аст. Хари сиёҳи ҳамсояи мо – амаки Сангин ҳам ҷонвари якрав буд.

Амаки Сангин марди заҳматпешаю ҳалол, ростқавлу дурустпаймон аст. Ӯ фақат як нуқсон дорад: бениҳоят тезу тундмизоҷ аст, ҳатто хурӯси дар ҳавлиаш буда агар паёпай се раҳ чег занад, амаки Сангин аз асабоният ба шӯр омада, бо сангу кулӯх зада онро аз ҳавлӣ берун меронд. Баъзе аз ҳамдеҳагон мегуфтанд, ки аз ваҷҳи ҳамин тундфеълиаш ранги ӯ заққум барин зард аст ва дар бадан як пайса гӯшт надорад – пӯсту устухон.

Муомилаи амаки Сангин бо хари сиёҳи ҳангиаш чандон маза надошт ва аз ин бобат он қадар аҷоиботу ғароибот мегуфтанд, ки дар ин миён ростро аз дурӯғ фарқ кардани кас кори осон набуд.

Он солҳо дар деҳоти кӯҳистон на ҳама мол доштанд, на дар ҳар хонадон нони гандум мехӯрданд. Инқилоб, ҷанги худ ба худӣ, ҷанги Гирмон... хонадони мо аз ҳамин табақа буд: на гови душоӣ доштему на гусфанду буз, хар ҳам надоштем... Воқеан, фаромӯш накунам, сухан аз бобати хари сиёҳи амаки Сангин буд.

Рӯзе падарам фармуданд то хари амаки Сангинро талабида биёраму ним ҷувол ҷувориро ба осиёб бурда орд кашам.

Ман ба ҳавлии амаки Сангин рафта, илтимоси падарамро гуфтам.

Мо ҳамроҳ ба зинхонаи дар як гӯшаи ҳавлӣ воқеъбуда рафтем. Ба зинхона ворид гаштему дар назари ман чунин омад, ки хари сиёҳ соҳибашро дида, аз изтироб меларзид. Ёлу гардан, пойҳояш, сағриаш – ҳама узваш пир-пир мепариданд.

– Лаънатӣ айёр аст, мабодо, ки туро бача гуфта раҳ нарафта сил кунад... Халачӯби нағз ба даст гир, – мегуфт амаки Сангин ба хар полон монда ва пордуму аилашро сахт кашидаву баст. – Бесабаб нагуфтаанд:

Бар каф нагирӣ чӯби тар,
Фармон нагирад гову хар.

Ман «хуб» гуфтаму чолок ба хар савор шудам. Хари сиёҳи ҳангӣ халачӯб назада ва бо пошнаҳоям нихта накарда ҳангосзанон бод барин аз ҳавлӣ тохта баромад.

Ба ҳавлиамон омадаму харро дар калламехи ким-кайҳо ба замин кӯфтаи фарсуда бастам. Хар тамоми овозашро сар дода ҳангос зад. Аз наъраш, ки садои баланди карнай барин гӯшкаркунанда буд, атрофиён лаҳзае гӯшашонро дошта, як-ду дақиқа на сухани якдигарро шуниданду на садои тундарро. Маро дар тасаввур омад, ки агар ҳангоми заминҷунбии сахт ин хар ба ин минвол ҳанг занад, кас нашикаста аз ҳам рехтани иморатҳоро мебинад, чунон ки дар филмҳои беовоз аст, на садоеро мешунавад.

Сагамон Алопар, ки дар рӯи хокистартӯдаи паси ҳавлӣ ба фароғат хоб буд, аз ҳангоси хар гӯшаш ба қомат омаду норозиёна дуру дароз нӯла кашид. Хурӯсамон ҳам қут-қуткунон ба тариқи эътироз ба хар гӯё «Ин чӣ гап, ҳамин ҳам чеғ задан шуд?! Авбошӣ!» Гуфтан мехост.

Хари сиёҳ ҳангашро поён расонда-нарасонда аз сари нав авҷ мегирифт. Ман «бас-бас, гулӯят медаррад» гӯён сари харро молидан хостам, аммо маркаб аз ин амали ман якбора сарашро боло бардошту дар талвоса худ ба худ ба гирдгардӣ сар кард. Мани аз ин ҳоли хар ҳайратзада худро ба канор гирифтам.

Баъд сири ин амали харро аз падар пурсидам.

– Вақти ҳангос ба сари хар халачӯб задааст, – гуфтанд он кас.

Ман ба осиёб рафта омдам. Хар дар роҳгардӣ ҳаргиз коҳилӣ накард, маро ранҷ надод. Дар роҳ хар замон қадамашро сусттар мекарду гарданашро каҷ карда сӯям ба умед менигарист. Ман хоҳиши ӯро ба ҷо меовардам: аз байни ғӯлингҳое, ки мехӯрдам, ягонта хомхушк ё шаталмаашро дароз мекардаму хар бо лабонаш лап-лап карда, беозор онро аз кафам мегирифт, хеле вақт мехоид.

Бегоҳӣ харро ба ҳавлии амаки Сангин бурданам мушкил шуд. Хари сиёҳи ҳангӣ чор пояшро ба замин мех карда ба он сӯ рафтан намехост.

– Аз одами дилсахту дурушт ҳайвон ҳам безор аст, – гуфтанд падарам худ ба худ даст афшонда.

**Баҳром Фирӯз**

### Савол ва супориш:

**1.** Ин матнро хонед ва ба сифатҳои он диққат диҳед.
**2.** Амаки Сангин чӣ гуна хислатҳо доштааст, нақл кунед.
**3.** Амаки Сангин ба хар ва хурӯсаш чӣ гуна муомила мекардааст?
**4.** Исмҳои расмро номбар кунед ва саволҳо гузоред.

**Машқи 1.** Се ҷумлаи сархати дуюми матнро нависед ва сифатҳояшро номбар созед.
**Машқи 2.** Аз рӯи мазмуни расм чор ҷумла тартиб диҳед ва нависед. Агар дар ҷумлаҳоятон сифатҳо мавҷуд бошанд, ба зерашон хат кашед.
**Супориш:** Мазмуни ин мақолро гуфта диҳед:
«Бар каф нагирӣ ҷӯби тар,
Фармон нагирад гову хар».
**Машқи 3.** Сархати охири матнро навишта маънидод кунед.

**Супориш:**

**1.** Шарҳ диҳед: Бо сухани хуш мор ба хонааш медарояд.
**2.** Шумоён бо чорпоён чӣ гуна муомила мекунед, нақл кунед.
**3.** Дар нақл сифатҳоро истифода баред.

## ДАРСҲОИ 175–176

## ДӮСТӢ

Дӯст ва дӯстӣ ин ҳар ду калимаҳои муқаддасанд. Дӯст он касеро мегӯянд, ки дар ғаму шодии ту шарик аст. Дӯстӣ асос ва пояи мустаҳкамии байни шумо ва давлату ҷамъият аст.

Ҳатто давлатҳои хурду калон байни худ дӯстӣ барқарор мекунанд, ки ин ҳам ба хотири осудагии мардум мебошад.

Шоири маъруфи халқи мо Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода ба ин хотир дӯст ва дӯстиро чунин васфу тараннум кардааст:

### ДӮСТОНРО ГУМ МАКУН

То тавонӣ дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун.
Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,
Мушкилосонкункасонро гум макун.
Дӯстро аз дӯст, ҷонам фарқ кун,
Дӯсти пайванди ҷонро гум макун.
Чашмаи илҳоми мо халқ асту бас,
Халқи машҳури ҷаҳонро гум макун.
Зинати боғ аз гули хандон бувад,
Мисли гул хандонлабонро гум макун.
Дӯст ояд, сахт дар оғӯш гир,
Расми хуби тоҷиконро гум макун.
Халқи олам дӯст бо мо гаштааст,
Ваҳдати халқи ҷаҳонро гум макун.

**Мирзо Турсунзода**

### Савол ва супориш:

**1.** Шоир дар мисраи аввали шеър чиро таъкид кардааст?
**2.** Барои чӣ бе дӯст будан мушкил аст?
**3.** Дӯстро пайванди ҷон гуфтан чӣ маъно дорад?
**4.** Бо дӯст чӣ гуна муносибат бояд кард?
**5.** Расми тоҷикон оид ба қабули дӯст чӣ гуна аст?
**6.** Шарҳ диҳед: Ваҳдати халқи ҷаҳонро гум макун.

Дӯстон се хел мешаванд: забонӣ, нонӣ,ҷонӣ. Кадоме аз онҳо дӯстони ҳақиқианд? Фикратонро баён кунед.

**Машқи 1.** Шаш мисраи аввали шеърро рӯйнавис кунед.
**Машқи 2.** Аз матни шеър сифатҳоро муайян кунед ва нависед.
**Машқи 3.** Оиди дӯстони худ ва дугонаҳоятон ҳикоячa нависед.
**Супориш:**
**1.** Дар навишт номи рафиқон ё дугонаҳоятонро истифода баред.
**2.** Ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштани ин саволҳоро муайян кунед: кӣ? чӣ? киҳо? чиҳо? чӣ гуна? чӣ хел? чӣ кор кард? чӣ шуд? чӣ мешавад?

## ДАРСҲОИ 177–178

### САНДУҚ
### (Афсона)

Буд-набуд, як сандуқ буд, ки кӯҳнаву назарногиру фарсуда дар як ғораки кӯҳистон. Касе намедонист, ки онро ба ин ғорак кӣ овардааст, кай овардааст ва чаро овардааст. Ҳамчунин касе намедонист, ки ин сандуқ хеле сеҳрнок аст, агар хоҳад ҳар шахсро дар як зум шоҳу доро мекунад, агар нахоҳад – не!

Боре ба ин ғорак шахсе омад. Сандуқро диду хурсанд шуд, пиндошт, ки он пур-пури зар аст ва саросема сарпӯшашро бардошт.

Аммо афсӯс, сандуқ холӣ буд. Навмеду хашмгин шуда рафт он мард.

Бори дигар шахсе ба ин ғорак даромад. Ӯ низ сандуқро диду хурсанд шуд, аммо пиндошт, ки он пур-пури китоб аст. Ва сарпӯшро бардошт. Чӣ мегӯед, ки дар ҳақиқат сандуқ пури китоб буд!

Аз шодӣ курта-курта гӯшт гирифт мардак ва китобҳоро ғундошта ба хонааш рафтан хост. Ин дам ногоҳ сандуқ дубора пур-пур шуд, лекин ин дафъа аз китоб не, аз тиллову нуқраву ёқуту алмос!

Мард ба худо шукр карду инашро низ гирифт ва рафт...

**Азизи Ибодулло**

**Луғат:**

*Зум* – дам, нафас. *Пиндошт* – фикр кард, хаёл кард.

### Савол ва супориш:

1. Матнро хонед.
2. Гӯед, ки сандуқ чӣ сир доштааст?
3. Марди якум чаро ноумеду хашмгин рафт?
4. Марди дуюм аз дидани сандуқ чаро хурсанд шуд?
5. Худованд ба марди дуюм чӣ тӯҳфа кард?

**Панд:** Ҳамеша босабру таҳаммул бошед ва ба каму беш қаноат кунед.

**Машқи 1.** Аз матн сифатҳоро интихоб карда нависед ва савол гузоред.
**Машқи 2.** Ду сархати охири матнро рӯбардор кунед ва баъд сифатҳоро муайян кунед.

**Супориш:**

1. Матнро такроран хонед ва мазмунашро дар хотир гиред.
2. Гӯед, ки ба шумо рафтори кадом мард писанд омад.
3. Имлои ин калимаҳоро машқ кунед: рӯзнома, шабона, дуюмдарача, барҷомонда, рӯбучин, шоҳона, абрӯвон, пурдаҳшат, сахтӣ.

## ДАРСҲОИ 179–180

## КӮРМУШ
### (Афсона)

Тобистон кӯрмуши думдароз дар полизҳо, чакалакҳо ва анборҳо чарида мегашт ва ҳеҷ ғами зимистон надошт. Вақте ки ба замин кирав рехт, аз хунукӣ мӯйҳои бадани кӯрмуш сӯзанчаҳои нозук барин сих зада хестанд. Вай дар ташвиши сохтани хонаи гарм шуд.

Аммо замин сахту осмон баланд. Кӯрмуш дар болои як теппачае нишаста, ба абрҳои даргузар нигариста, зорӣ карда мегуфт:

– Абрҳо, ҳӯ абрҳо! Ба овози мани бечора гӯш кунед: ман мехоҳам, ки ба худ хонаи гарме сохта, зимистон хоб кунам. Аммо замин чунон сахт шудааст, ки ба он дандонҳоям тоб намеоваранд. Ба ман ёрӣ диҳед! Ба болои ҳамин теппача борон рехта, заминро фалла барин нарм кунед! Абрҳо, ҳӯ, абрҳо! Гапҳои маро шунидед?

Аммо абрҳо чизеро нашунидагӣ барин аз болои даштҳо ва кӯҳҳо гузашта рафтанд. Кӯрмуш ноумед шуда, дар ҷои худ гиря карда нишаст. Ҳамин вақт малахе аз дур намоён шуд. Вай нолаи кӯрмушро шунида наздаш омада пурсид:

– Ҳа, бародар, чаро гиря мекунӣ? Ба сарат чӣ ғам омад?

– Ғамамро напурс, додар, – гуфт кӯрмуш. – Мехоҳам хонаи гарме сохта, зимистон хоб кунам. Аммо замин чунон сахт, ки ба он дандонҳоям намегузаранд. Ёрӣ диҳӣ – чӣ?

Малах каме фикр карду сонӣ як хамёза кашида гуфт:

– Ман чунон серкорам, ки ҷӯра, ҳатто ба сар хоридан дастам намерасад. Биё ба хотири ҷӯрагӣ, ман туро бурда бо тортанак шинос кунам. Шояд вай ба ту ёрӣ расонда тавонад.

Малах пеш-пеш ва кӯрмуши думдароз аз ақиби вай қадам зада, ба назди бодомбуттае омаданд ва диданд, ки тортанак аз як шох ба шохи дигар ҳаллос зада, тор метанад.

– Тортанак, ҳӯ тортанак, – гуфт малах дасти худро ба пешонааш лапар карда. – Думдароз ҳам ту барин хона сохтанӣ. Вақт дошта бошӣ, ба вай камтар ёрӣ расон.

Тортанак араҳи пешонаи худро пок карда ҷавоб дод:

– Думдароз тобистон дар куҷо буд? Магар то ин вақт хона насохтааст? Афсӯс, ки имрӯз серкорам. Аммо пагоҳ, албатта, ба хотири ҳамсоягӣ рафта ёрӣ мерасонам...

### Савол ва супориш:

**1.** Матнро оромона хонед ва ба мазмуни он диққат диҳед.
**2.** Кӯрмуш дар фасли тобистон ба чӣ кор машғул буд?
**3.** Вай аз абрҳо чӣ илтиҷо кард?
**4.** Чӣ ба ёрии кӯрмуш омад?
**5.** Малах кӯрмушро ба назди чӣ бурд?
**6.** Тортанак ба кӯрмушу малах чӣ ваъда дод?

**Машқи 1.** Сархати дуюми матнро рӯбардор кунед.
**Машқи 2.** Матнро аз назар гузаронед ва сифатҳоро интихоб карда нависед.
**Машқи 3.** Ин сифатҳоро рӯнавис кунед:
Китоби шавқовар (чӣ хел китоб?), одами доно (чӣ гуна одам?), шаби дароз (чӣ гуна шаб?), дӯсти беҳтарин (чӣ хел дӯст?), офтоби оламоро (чӣ гуна офтоб?).

**Супориш:**

**1.** Ин калимаҳоро ба ҳиссаҳо (ҳиҷоҳо) ҷудо кунед: Китоб, шавқовар, одам, доно, шаб, дароз.
**2.** Нависед: Гули хушбӯй, одами доно, бачаи қобил, духтари боақл, себи сурх.

## ДАРСҲОИ 181–182

### ХУБТАРИН ҶӮРАИ МАН

Маълум, ки ҳар як бача ҷӯра дорад. Охир, одам ҷӯра надошта бошад, гапашро ба кӣ мегӯяд, дар кӯчаву ҳавлӣ бо кӣ бозӣ мекунад? Ман якта не, якчанд ҷӯра дорам. Ҳамсояамон Сафар, амакбачаам Диловар, боз Абдулвосеъ, ки имсол ҳамроҳ ба мактаб рафтему ҳоло дар як миз мешинем. Холидаро ҳам ҷӯра ҳисобиданам мумкин, чунки вай духтарча бошад ҳам, аз ҷӯи калон ман барин натарсида ҷаҳида мегузарад, ба мағоза худаш рафта ҳар чиз мехарад, бо ман тӯббозӣ мекунад.

Лекин ҷӯраи аз ҳама хуби ман медонед, кӣ? Агар гӯям, аздусар бовар намекунед. Гапаш наход рост бошад гуфта, даҳонатонро кушода мемонед. Боиси ҳайронӣ ин аст, ки ман ҳафтсолаю он кас... ҳаф-тод-со-ла! Аз ҳафтод ҳафтро тарҳ кунем, чанд мемонад? Шасту се. Дидед, он кас аз ман чӣ қадар калон! Бо вуҷуди ин, мо ҷӯраҳои наздик... Бале, ёфтед! Ман бобоямро мегӯям. Хубтарин ҷӯраи ман ҳамон кас. Мо бе якдигар як рӯз ҳам истода наметавонем...

Аҷоиботаш боз ин, ки ба ман бобоям «ако» гуфта муроҷиат мекунанд. Сабаби инро ман пеш намедонистам, мактабрав шуда сонӣ фаҳмидам. Бобоям яккаву ягона Неъматҷон ном бародар доштаанд. Неъматҷон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок шудааст. Вай

танкисти зӯр будааст, орденҳои бисёр доштааст. Фашистҳоро то худи Берлин пеш карда рафтааст. Аммо сад дареғ, ки то рӯзи ғалаба зинда намондааст. Бобоям номи ана ҳамон бародари шаҳидашонро ба ман монданд, ӯро гӯё ки аз нав зинда кардаанд, боз акодор шудаанд.

Дина, вақте ки аз пеши мағозаи «Варзиш» мегузаштем, ман аз бобоям пурсидам:

– Бобоҷон, «Кама» велосипеди нағз, а?

Бобои ман одами ҷудо зирак. Мақсадамро зуд фаҳмиданду хандида гуфтанд:

– Ганда мебуд, нархашро ин қадар намебардоштанд. Қимат беҳиммат не, албатта. Лекин ин ба бачаҳои даҳ-дувоздаҳсола дуруст. Ба шумо, ако вазнинӣ мекунад, ба ошёнаи сеюм худатон бардошта баромада наметавонед.

– Ба вай мотор ҳам шинондан мумкин?

– Мумкин. Ҷояш ҳаст.

Бобои ман нафақахӯр. Чӣ будани нафақаро оё шумо медонед? Бобоям ба ман фаҳмонданд, ки одам нағз кор кунаду пир шавад, ҳукумат мегуфтааст, ки «рав, акнун дам гир». Ва ба ӯ, кор накунад ҳам, ҳар моҳ пул, яъне нафақа медодааст. Кам не, аз пули «Кама» зиёд. Ҳар моҳ як велосипед гирифта, ба бақияаш боз як сабад яхмос, пепси-кола ва сақич ҳам харидан мумкин.

Бобоям «аз бекор худо безор» гуфта, боз ба кор даромаданд. Дар дӯкончаи пеши театр маҷаллаю рӯзнома мефурӯшанд. Дар он ҷо ҳар гуна дафтарчаҳою қаламҳои ранга ҳам ҳаст. Нишонаҳои суратдор-ку қариб понздаҳ хел. Кадомашро хоҳӣ, мехарию ба сари сина часпонда мегардӣ.

Як пагоҳӣ ман ба паҳлуи бобоям нишаста, савдо кардам. Одамон омада ҳар чӣ мегирифтанд, асосан рӯзномаҳои навро. Бачаҳо лифофаю қалам ва нишонҳо мехариданд...

Э, соат аз як гузаштааст-ку! Мебахшед, ҷӯраҳо, вақти дарс шуда мондааст. Ман ҳозир ба мактаб меравам. Қиссаи ману бобоям бошад, хеле дароз. Боқимондаҳояшро сонӣ нақл мекунам, хуб?

**Абдумалик Баҳорӣ**

### Савол ва супориш:

**1.** Писарча чанд нафар ҷӯра доштааст?
**2.** Ҷӯраи аз ҳама калону азизи писарча кӣ будааст?
**3.** Ба чӣ хотир бобо набераашро «ако» мегуфтааст?
**4.** Бобо бо чӣ мақсад боз ба кор даромадааст?

**Супориш:** Мақолҳоро шарҳ диҳед:
Аз бекор – ҳама безор.
Қимат бе ҳиммат нест, арзон бе иллат.
**Машқи 1.** Матнро аз назар гузаронед ва сифатҳояшро навишта гиред.
**Машқи 2.** Сархати дуюми матнро нависед ва ба сифатҳо саволи мувофиқ гузоред.
**Машқи 3.** Сифатҳои исмҳои зеринро муайян карда нависед ва савол гузоред: Талаба, китоб, китобхона, мактаб, дугона, дӯст.
**Намуна:** Талабаи аълохон – чӣ хел талаба? ...
**Супориш:** Фаҳмонед, ки сифатро бо исм чӣ алоқаманд мекунад. **Мисол:** Талабаи беҳтарин – талаба-и беҳтарин.

**Дар ёд доред:**
«И»-ро бандаки изофӣ меноманд. Вазифаи ин бандак исмро бо сифат ва сифатро бо исм алоқаманд кардан аст: Китоби шавқовар, нони гарм, оши наҳор, гули тару тоза.

## ДАРСҲОИ 183–184

## ДАР БАЁНИ БЕХИРАДӢ ВА ОҚИБАТИ ОН. СЕЛИ АРИМ (ШИДДАТНОК, САХТ)

Дар Яман рӯди муҳиме вуҷуд надошт ва он сарзамини паҳновар ба иллати камобӣ хушку сӯзон буд. Боронҳои зиёд ҳар сол меборид ва ба сурати сел бидуни он ки аз он истифода ба амал ояд, дар биёбон ба замин фурӯ мерафт.

Барои пешгирӣ аз камии об чораҳо бияндешиданд ва оқибат ният карданд, ки саддҳое бисозанд, то селҳоро нигоҳдорӣ бикунанд ва ба

мавқеъ аз он истифода бинмоянд. Саддҳои фаровон сохта шуд, ки маҳкамтарини он Мағриб ном дошт. Ва шаҳри Мағриб дар охири дарае қарор дошт, ки барои ин шаҳр садди Мағрибро сохтанд ва обҳои селро дар пушти садд нигоҳдорӣ карданду дар мавқеи зарурӣ аз он обҳои захирашуда истифода карданд, то кам-кам он шаҳр зебо ва сарсабз шуду боғҳои фаровон бо дарахтони пурмева ба вуҷуд омад. Мардум аз неъматҳои Худованди бузургу тавоно истифодаи зиёде намуданд, аммо ба ҷои он ки Худоро сипос бигӯянд ва дастуроташро амалӣ бинмоянд, роҳи худписандиву такаббур ва куфрро пеш гирифтанд ва пайғамбаронеро, ки Худованд барои роҳнамоии онҳо фиристода буд, инкор карданд ва онҳоро азоб доданд, то ин ки худованд ирода фармуд, ки азобе ба сӯи онҳо бифиристад, то натиҷаи корҳои зишти худро бубинанд.

Пас садди Мағриб бишкаст, обҳо равон гаштанд ва боғҳову зироатгоҳҳои онҳоро аз миён бурд, чорпоёнашро ҳалок намуд ва дар андак муддат он шаҳри зебову пурбаракат ба шаҳри вайрону сӯзон мубаддал шуд. Фақат чанд дарахте ба ҷой монд.

**Луғат:**

***Яман*** – номи яке аз кишварҳои Арабистон.
***Садд*** – монеа.
***Такаббур*** – ҳавобаландӣ.
***Сипос*** – миннатдорӣ.

### Савол ва супориш:

**1.** Яман чӣ гуна кишвар будааст?
**2.** Чаро боронҳои сел зиёд буданду мардум аз камобӣ дар азоб?
**3.** Мардуми Яман чӣ тадбир ҷустанд ва оби боронро чӣ гуна ҷамъ карданд?
**4.** Шаҳри ноободи Мағриб ба воситаи чӣ обод шуд?
**5.** Ниҳоят аз ношукрии мардум шаҳри зебои Мағриб ба чӣ табдил ёфт?

**Машқи 1.** Матнро хонед ва ба калимаю ибораҳои зерин диққат диҳед: рӯд, сарзамини паҳновар, иллати камобӣ, фурӯ мерафт, тадбирҳо биандешанд, садди Мағриб, обҳои захирашуда, боғҳои фаровон, неъматҳои Худованд, шаҳре вайрону сӯзон.

**Машқи 2.** Калимаю иборахои машқи 1-ро шарҳ диҳед, баъд нависед.
**Супориш:**
**1.** Аз матн сифатҳоро интихоб карда нависед ва бандаки изофиро ба хатча ишора кунед.
**2.** Шарҳ диҳед: То меҳнат накунӣ, роҳат намебинӣ.

## ДАРСҲОИ 185–186

### ИСКАНДАРКӮЛ

Ҷумҳурии офтобрӯямон манзараҳои аҷоиб дорад. Кӯҳҳои сар ба фалак кашидаи осмонбӯс ва обҳои шаффофи нуқратоби ҳаётбахшро дорост. Манзараҳои дилфиреб, табиати фораму дилкушои Тоҷикистон боби тамошою истироҳат мебошад. Ҳар сол барои мактаббачагон дар доманаи кӯҳҳои Варзобу Алмосӣ, Яврозу Харангон ва дигар ҷойҳо даҳҳо истироҳатгоҳҳо кушода мешавад. Мактаббачагон дар ин ҷойҳо истироҳат мекунанд. Ба шаҳру деҳаҳои гирду атроф,ба қуллаҳои кӯҳҳо баромада, табиати зебои Ватани азизамонро меомӯзанд. Ба сафару саёҳатҳо баромада, худро боз ҳам обутоб медиҳанд. Дар бошишгоҳи ҷумҳуриявии «Сайёҳони ҷавон» ҳам аз бисёр гӯшаву канорҳои ҷумҳуриамон бачаҳо омада истироҳат мекунанд. Ба наздикӣ онҳо ба Искандаркӯл ба сафар баромаданд. Роҳи Искандаркӯл хеле душвор бошад ҳам, табиати зебо, ҳавои форами кӯҳсор, бачагонро хеле мафтун кард. Дар ҳақиқат Искандаркӯл манзили сайру тамошо, истироҳату вақтхушӣ будааст. Кӯл дар байни кӯҳҳои баланд воқеъ гардидааст ва оби он бисёр ҳам соф мебошад. Ба завраҳо савор шуда сайр намудан боз ҳам хубтар аст.

Бачаҳо, шумо, ки калонтар шудед, албатта, ба ин кӯли сеҳрангез сафар хоҳед кард.

**Савол ва супориш:**

**1.** Шумо дар кадом истироҳатгоҳ истироҳат кардед?
**2.** Оё дар ҷои шумо кӯл ё дарё мавҷуд ҳаст?
**3.** Тобистони гузашта шумо ба куҷоҳо рафтед ва чӣ хел истироҳат намудед, нақл кунед.
**4.** Боз номи кадом кӯлҳоро медонед, номбар намоед.

**Машқи 1.** Аз матн сифатҳоро муайян карда нависед ва ба кадом савол ҷавоб шуданашро шифоҳӣ баён кунед.

**Машқи 2.** Ин калимаҳоро ба таркибҳо ҷудо кунед: Чоркӯҳ, офтобпараст, оташангез, сартарошхона, Кофарниҳон, Искандаркӯл, осмонбӯс, офтобрӯя.

**Намуна:** Сартарошхона – сар-тарош-хона.

**Машқи 3.** Аз матн 2 ҷумлаи сархати аввалро нависед ва миқдори сифатҳои онро муайян кунед.

Ба хотир оред: Пешояндҳо кадомҳоянд, номбар созед.

Масалан: аз, дар, ...

**Супориш:** Пешояндҳоро нависед ва онҳоро дар хотир гиред.

## ДАРСҲОИ 187–188

## ҲИКОЯТ

Бозургоне буд, ки Шарқу Ғарбро тай карда, хунукию гармии рӯзгорро дида буд.

Вақте ки бозургон пир шуд ва аҷали худро ҳис кард, фарзандонашро ба пеши худ даъват кард ва чунин насиҳат намуд:

– Эй ҷавонон, агар дар ҷамъ кардани мол ранҷе ба шумо нарасида бошад, ба қадри он шумоён намерасед. Аммо диниста бошед, ки бе касбу ҳунар ба даст овардани мол бисёр мушкил ва номумкин аст. Ҳама он моле, ки бе ранҷу меҳнат ба даст меояд, зуд аз даст меравад. Барои ҳамин худро аз танбалӣ дур гиред ва ба касбу ҳунаромӯзӣ рӯй оред. Ба ҳамин касби тиҷорат, ки аз ман муддатҳо мушоҳида кардаед, машғул шавед.

Чун писарон насиҳатҳои падар шуниданд ва манфиатҳои суханҳои ӯ шинохтанд, ҳар як касбе ихтиёр намуда ба коре машғул шуданд. Бародари калонӣ рӯй ба тиҷорат ниҳода сафари дурдаст пеш гирифт. Ҳамроҳи вай ду гови боркаш буданд, ки номи яке Шанзаба ва номи дигаре Бандаба буд. Хоҷаи савдогар ҳамеша онҳоро тарбият мекард, аммо азбаски муддати сафар тӯлонӣ ва роҳҳои дурро тай карданд, он говон сусту лоғар гаштанд. Иттифоқо дар аснои роҳ лойи бузурге пеш омад ва Шанзаба дар он лой монд.

Хоҷа фармуд, ки ӯро ба ҳилае берун оварданд, аммо вай тоқати ҳаракат надошт. Хоҷа якеро фармуд, ки тарбияи говро ба ӯҳдаи худ гирад ва чун он боқувват шуд, ба корвон расонад. Худаш ба роҳ давом дод. Он кас як-ду рӯз дар миёни биёбон монда аз танҳоӣ малул шуд ва Шанзабаро гузошта, ба хоҷа хабари дурӯғи мурдани говро расонид. Дар он ҷой Бандаба аз ғояти кӯфтагӣ ва ғами ҷудоии Шанзаба ҳалок гашт.

Аммо дере нагузашта Шанзаба қувват пайдо карда дар талаби чарохӯрӣ ҳар тараф мерафт. Охир ба марғзоре расид, ки он ҷо растаниҳои ҳархела сабзида буданд.

Он манзил ба Шанзаба хуш омад ва дар ҳамон ҷо иқомат ихтиёр кард. Чанд рӯз бе банд дар он марғзор бичарид ва дар он ҳавои рӯҳбахш ва фазои дилкушо рӯз гузаронида, бағоят калонҷусса ва фарбеҳ гашт...

**Аз китоби «Калила ва Димна»**

### Савол ва супориш:

**1.** Ҳикоятро хонед ва ба мазмуни он диққат диҳед.
**2.** Бозургон киҳоро ба наздаш даъват намуд?
**3.** Бозургон ба писаронаш чӣ насиҳат кард?
**4.** Кадоме аз бародарон ба касби тиҷорат машғул шуд?
**5.** Ӯ говонро чӣ гуна парвариш мекард?
**6.** Хизматгор ба бозургон чаро хабари дурӯғро расонид?
**7.** Дар охир Шанзаба чӣ кор кард ва ӯ дар он марғзор чӣ гуна рӯз гузаронид?

**Машқи 1.** Матнро аз назар гузаронед ва сифатҳои онро муайян карда нависед.

**Намуна:** Гови боркаш, (чӣ хел гов?) ...

**Машқи 2.** Ба ин сифатҳо исмҳои мувофиқ илова карда бандаки «и»-ро истифода намуда, онҳоро нависед: Далер, кордон, доно, хуб.

Калимаҳо барои истифода: шахс, одам, мард, инсон.

**Машқи 3.** Сархати охири матнро нависед ва сифатҳои онро муайян созед.

## ДАРСҲОИ 189–190

### ИМЛОИ САНҶИШӢ

**Ин қоидаҳоро дар хотир нигоҳ доред:**

**1.** Сифат аломату хусусияти исмро (ашёро) мефаҳмонад.

**2.** Сифат ба исм ба воситаи ба исм илова шудани ҳарфи «и» (себи ширин, сухани хуб) алоқаманд мешавад, ки онро бандаки изофӣ меномем. Исму сифат ва феъл қариб дар ҳар ҷумла мавҷуданд.

**3.** Сифатҳо муқобилмаъно мешаванд:
тоза – чиркин, хуб – бад, васеъ – танг, ва ғайра.

**4.** Матн аз якчанд ҷумлаҳои бо ҳам алоқаманд иборат мебошад.

**5.** Луғат гуфта ҳамаи калимаҳоро меномем. Баъзе аз он калимаҳо дар зери матн омада шарҳу эзоҳ дода мешаванд. Ҳар қадар луғат зиёд аз ёд кунем, ҳамон қадар сухандону хушгуфтор мешавем.

**6.** Ҷои феълҳо асосан муайян мебошанд, яъне феълҳо дар охири ҷумла меоянд.

## ДАРСҲОИ 191–192

### СУРУДИ ЧӮПОН

Ин пуштаю саҳроҳо,
Ҷавлонгаҳи ман бошад.
Аз хаймаи ман осор,
Дар кӯҳу даман бошад.
Гаҳ аз лаби дарё ман,
Пайваста сафар дорам.
Гаҳ аз ҷару гоҳ аз зов,
Бо рамма гузар дорам...
Ҳар субҳи сафо хезам,
Хуршед ба бар гирам.
Лаб бар лаби най монам,
Савте зи ҷигар гирам.
Молам ба чаро хезад,
Бо савту навои ман.

Аз шабнами тар резад,
Гавҳар ба чарои ман.
Аз бӯи алафзорон,
В-аз накҳати гулхорӣ
Дар домани кӯҳистон,
Сад нашъа бубардорӣ.
Ҳар субҳ ту аз модар,
Гӯё ба ҷаҳон оӣ,
Бо қудрати нав дигар,
Шодону ҷавон оӣ.
Монандаи рӯди шӯх,
Чун мавҷи алаф ҷӯшад.
Ҳар лаҳза нигоҳам об,
Аз мавҷи алаф нӯшад.

Фарёд занад барра,
Чун тифлаки навзоде.
Аз санг ҷаҳад бар санг,
Мастона ба сад шодӣ.
Аз шавқ дилам гӯё,
Дар сина ба ҷӯш ояд.

Лаб бар лаби най монам,
Дунё ба хурӯш ояд...
Ин пуштаю ин саҳро,
Ҷавлонгаҳи ман бошад.
Аз оташи ман осор,
Дар кӯҳу даман бошад.

**Ҳабибулло Файзулло**

**Луғат:**
***Ҷавлонгоҳ*** – ҷои гашту гузор.
***Хайма*** – хонаи чӯпон.
***Осор*** – нишона.
***Зов*** – дара.
***Савт*** – оҳанг.
***Накҳат*** – бӯи хуш.
***Нашъа*** – кайфият.

## ЧИСТОНҲО

1. Бӯғчаи дилрабо,
Не дар замин, не дар ҳаво. (думбаи г. сфанд)

2. Меравад, меравад ба ақибаш ҳеҷ нигоҳ намекунад. (. б)

### Савол ва супориш:

1. Чӯпон кист ва ӯ ба чӣ кор машғул аст?
2. Шоир аз номи чӯпон чиҳо гуфтааст ва табиатро чӣ гуна васф кардааст?
3. Матнро бодиққат хонед ва баъзе мисраъҳои онро дар хотир гиред.

**Машқи 1.** 8 Мисраи аввали матнро такроран хонед, баъд нависед.
**Машқи 2.** Шарҳ диҳед: Кӯҳу даман, гоҳ аз ҷар, гоҳ аз зов, субҳи сафо, савту наво, шабнами тар, бӯи алафзорон, накҳати гулхорӣ, нашъа бубардорӣ.

**Намуна:** Кӯҳу даман – кӯҳу саҳро, гоҳ аз ҷар, гоҳ аз зов – баъзан аз ҷарӣ, баъзан аз дара...

**Машқи 3.** Шеърро хонда баъзе бандҳои онро интихобан аз ёд кунед.

## ДАРСҲОИ 193–194

Дар дунё бисёр шахсони мӯътабаре ҳастанд, ки онҳо ба мардум хизмат карданро аз ҳама чиз боло медонанд. Ва бо ҳамин хислатҳои неки худ байни халқ маълуму машҳур мешаванд. Ин гуна шахсонро мардум ҳеҷ гоҳ аз хотир намебарорад ва номашонро ҳамеша зинда нигоҳ медорад.

Яке аз чунин шахсони таърихӣ Мавлоно Яъқуби Чархӣ мебошад. Ӯ ба одамон ғайр аз омӯхтани илму дониш боз меҳнат кардану нони ҳалол хӯрданро низ тарғиб кардааст. Шоир чӣ хуб гуфта:

Зиндаю ҷовид монд, ҳар кӣ накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр, зинда кунад номро.

## МАВЛОНО ЯЪҚУБИ ЧАРХӢ

Мавлоно Яъқуби Чархӣ дар нимаи дуюми асри XV дар деҳаи Чархи кишвари Афғонистон ба дунё омадаст. Яъқуб аввал дар назди падараш, яъне дар деҳаи Чарх маълумоти ибтидоӣ гирифта, баъд барои давом додани таҳсил ба шаҳри Ҳирот меравад. Яъқуб дар назди бузургону донишмандони асри худ сабақ омӯхтааст. Устоди бузургаш Баҳоваддин Яъқубро, ки шогирди фаъолаш буд, ба Ҳисори Шодмон мефиристад, то ки ба мардуми ин сарзамин илму дониш омӯзад. Ӯ дар деҳаи Алғату (ҳозира Мавлоно), ки дуртар аз Қалъаи Ҳисор буд, то охири умр зиндагӣ ба сар мебарад.

Яъқуб меҳнат кардан ва аз меҳнати ҳалол нон хӯрданро фазилати олии инсонӣ медонист. Зиндагиаш пурҳашамат набуда, фақирона мегузашт. Манзили тобистонаи Мавлоно бо гузашти замон дар лаби дарёи Кофарниҳон ба деҳкадаи зебое табдил ёфт ва номи Сабзикорро ба худ гирифт, ки то имрӯз ҳам деҳа бо ҳамин ном дар самти ҷанубу шарқии шаҳри Душанбе вуҷуд дорад.

Гар ба дониш одамӣ зам мешавад,
Худситоӣ, ман-манӣ кам мешавад.
Ҳалқа кун бар гӯш ин панди ҳаёт:
«Сарбаландӣ аз сари хам мешавад».

Шеърро маънидод намоед ва азёд кунед. Маънии «Сарбаландӣ аз сари хам мешавад»-ро шарҳ диҳед ва дар ҳамин мавзӯъ нақл нависед.

### Савол ва супориш:

1. Мавлоно дар куҷо ва дар назди кӣ таҳсили ибтидоӣ гирифтааст?
2. Баҳоваддин Яъқубро ба куҷо мефиристад ва барои чӣ?
3. Яъқуб дар кадом деҳа зиндагии доимиро ихтиёр мекунад?
4. Яъқуб асосан дар деҳааш ба чӣ кор машғул мешавад ва чиҳо бунёд мекунад?
5. Чаро ӯ аз меҳнати ҳалол нон хӯрданро беҳтарин фазилат медонад?

**Машқи 1.** Аз матн якчанд ҷумларо интихобан нависед, сифатҳоро муайян кунед.

**Супориш:**

1. Баъд аз навиштани ҷумлаҳо муайян намоед, ки онҳо чандтоӣ калима доранд.
2. Мазмуни ҷумлаҳои навиштаатонро гуфта диҳед ва сифатҳояшро номбар кунед.

**Машқи 2.** Калимаю ибораҳои зеринро хонед ва шарҳ диҳед: Кофарниҳон, деҳкада, фазилати инсонӣ, фақирона, ривоят, қамишзор, бӯстонҳо, дуои хайр, меҳнати ҳалол, бечорагону дармондагон, соябонӣ.

**Супориш:** Машқи болоро истифода карда бо чор калимааш ҷумлаҳои алоқаманд тартиб диҳед ва нависед.

**Машқи 3.** Матнро такроран хонда, мазмунашро ба аҳли оилаатон нақл кунед. Пурсед, ки онҳо дар бораи Мавлоно Яъқуби Чархӣ боз чӣ медонанд.

## ДАРСҲОИ 195–196

## МЕҲНАТИ ҲАЛОЛ

Дар бораи ҳаёти Мавлоно дар байни мардум ривояте ҳаст. Масалан, ҳикоя мекунанд, ки тобистони гармо Мавлоно сабзӣ хишова мекард. Аз ҳарорати баланд рӯи гандумгуни пурожангаш саршори арақ шуда буд. Чакраҳои арақ ба ришаш ва аз он ба поён

метаровиданд. Куртаи карбосиашро тар мекарданд. Аммо бузургвор ҳамоно хишова мекард. Ногоҳ садое ӯро ба худ овард.

– Ассалому алайкум, ҳазрати бузургвор! Монда набошед!

– Саломат бошанд.

Хуш омаданд, меҳмони азиз, қадам болои дида.

– Онҳо чун дӯстони қадим гарму ҷӯшон салом карданд, ҳолу аҳвол пурсиданд.

– Ман, тақсир, Хоҷа Аҳрор, аз Самарқандам, барои дидани дидори Шумо омадам. Мехоҳам бандаро тарбият кунед.

– Пасон сӯҳбат мекунем, писарам. Иншоаллоҳ корҳо хуб мешаванд, ба мақсад мерасед.

Дар сояи чанор намад густурда кӯрпачаю болишт гузоштанд ва ду хидматгор барои хизмати меҳмон омода буданд. Мавлоно Яъқуб дар поён рӯ ба рӯи Хоҷа Аҳрор қарор гирифт. Сӯҳбат тафсид. Пас аз тановули хӯрок Мавлоно ба пешхизмат фармуд:

– Мавлоно Содиқ, рафта аз полез аз харбузаҳои амирӣ як дона ва аз харбузаҳои навпухтаи хоҷа низ як дона барои меҳмон биёред. Оварданд. Мавлоно ҳар ду харбузаро тилим кард. Аз ҳар кадоме ба назди Хоҷа Аҳрор гузошт ва гуфт:

– Марҳамат фармоянд. Меҳмонон ҳарбузаҳоро нӯши ҷон карданд...

**Луғат:**

***Хишова*** – тоза кардани алафҳои бегона.
***Метаровиданд*** – мешориданд.
***Иншоаллоҳ*** – худо агар хоҳад.
***Густурдан*** – партофтан, паҳн кардан.
***Зоҳир*** – берун.
***Ботин*** – дохил.

**Матнро хонда мазмунашро баён кунед.**

**Машқи 1.** Ду ҷумлаи аввали матнро нависед ва исму феълҳои ҷумлаҳои навиштаатонро муайян кунед.

**Машқи 2.** Матнро такроран хонед ва феълҳояшро номбар созед.

**Машқи 3.** Ҷумлаҳоеро, ки ба вохӯрии Мавлоно ва Хоҷа Аҳрор тааллуқ доранд, аз матн ёфта такроран хонед ва нависед.

## ДАРСҲОИ 197–198

Панду андарзҳо суханҳои ҳикматомезанд, ки моро ба роҳи рост ҳидоят мекунанд. Онҳо ба мо хуб муносибат кардан ва дуруст рафтор намуданро меомӯзанд. Аз ин рӯ мо ҳар чӣ қадар панду андарз ва мақолҳоро зиёдтар донем ва аз рӯи онҳо амал намоем, ҳамон қадар манфиат ба мо бештар мерасад.

Биёед акнун бо панду андарзҳои Муҳаммади Ҳиҷозӣ шинос шавем ва аз онҳо баҳрае бардорему дар зиндагӣ истифода барем.

**Панду андарзҳо:**

Аз ҳар аблаҳе метавон чизе омӯхт.

Вақте як китоби хуб овардед, дигар чӣ ғусса доред.

Ҳар китобе, ки ба хона мебаред, донишмандест, ки ба хидмати худ мегузоред.

Бузургтарин сухани бузургонро аз китоб бишнавед.

Ганҷинаи донишро ба ҳар қимате бихаред, арзон аст.

Чораи гирифториҳоро дар китоб биҷӯед.

Ҳарчӣ бештар бихондед, бештару беҳтар зиндагӣ мекунед.

**Машқи 1.** Пандҳоро хонед ва якчандтоящро интихобан нависед.

**Машқи 2.** Аз пандҳои навишташуда феълҳояшро муайян карда, бо се калимаи он яктогӣ ҷумлаи дигар тартиб диҳед ва хонед.

**Машқи 3.** Маънидод кунед:

Шахси ҳунарманд хор намешавад,
Ба дӯсту душман зор намешавад.

**Супориш:** Ба панди боло аз пандҳои болоӣ боз дуто илова карда онҳоро нависед ва аз бар кунед.

## ДАРСҲОИ 199–200

Бачаҳои азиз! Оё шумо медонед, ки Саъдии Шерозӣ кист? Саъдии Шерозӣ шоирест, ки тамоми умрашро дар сайру сафарҳо гузаронидааст ва таҷрибаи рӯзгор аз зиндагонӣ ҷамъ кардааст. Ӯ чунон панду насиҳатҳои зиёд ва баландмазмун эҷод кардааст, ки ҳатто Саъдиро падари ахлоқ номидаанд.

Акнун биёед чанде аз насиҳатҳои ин шоири бузургро қироат кунему аз хондани онҳо лаззат бурда, барои худ чизе бигирем.

## ҲИКМАТ

Мушк он аст, ки худ бибӯяд, на ки аттор бигӯяд. Доно чун тублаи аттор аст хомӯшу ҳунарнамой ва нодон чу табли ғозӣ баландовозу миёнтиҳӣ.

Чӣ хуш гуфт бар кӯдак омӯзгор,
Ки коре накардему шуд рӯзгор.
Дареғо, ки бигзашт умри азиз,
Бихоҳад гузашт ин даме чанд низ.
Агар дар сарои саодат кас аст,
Зи гуфтори Саъдиш ҳарфе бас аст.

* * *

Хирадманд бошад талабгори илм,
Ки гарм аст пайваста бозори илм.

## ҲИКМАТ

Ду кас ранҷи беҳуда бурданд: яке он, ки мол андӯхту нахӯрд ва дигар он, ки илм омӯхту амал накард.

Илм чандон, ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ.
На муҳаққиқ бувад, на донишманд,
Чорпое бар ӯ китобе чанд.
В-он тиҳимағзро аз он чӣ хабар
Ки бар ӯ ҳезум аст ё дафтар?

Се чиз бе се чиз пойдор набошад: мол бе тиҷорат, илм бе баҳс ва мулк бе сиёсат.

* * *

Ҳар кӣ илм дорад ва амал накунад, бад-он монад, ки гов ронду тухм наяфшонд.

**Луғат:**

***Миёнтиҳӣ*** – дарунхолӣ, миёнхолӣ.
***Ҳарф*** – сухан, калом.
***Шуд рӯзгор*** – яъне рӯз гузашт, умр гузашт.
***Мол андӯхт*** – мол ҷамъ кард.

***Муҳаққиқ*** – тадқиқкунанда, таҳқиқгар.
***Тиҷорат*** – савдо.
***Чорпо*** – хар, маркаб, шутур, хачир ва ғайра.

**Машқи 1.** Матнҳоро хонед ва аз рӯи мазмунашон хулоса бароред.
**Машқи 2.** Аз пандҳо феълҳоро интихоб карда ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.
**Супориш:** Шарҳ диҳед: Олими беамал – занбӯри беасал.
**Машқи 3.** Ҳар кадоматон яке аз пандҳои шоирро хоҳ бо назм бошад, хоҳ бо наср шарҳу эзоҳ диҳед.
**Супориш:** Феъли панди интихобкардаатонро муайян карда ба он саволи мувофиқ гузоред, сипас нависед.
**Машқи 4.** Матни ҳикмати дуюмро нависед ва онро аз ёд кунед.

## ДАРСҲОИ 201–202

### ХАРГӮШИ ЗИРАК

Дар бешае харгӯше зиндагӣ мекард. Вай доно ва зирак буд. Харгӯшҳои дигар ба зиракии вай ҳасад мебурданд. Чолокӣ ва зиракии ӯ вирди забони аҳли бешазор буд. Боре харгӯш нохост ба бабри азимҷуссае дучор омад. Харгӯш роҳи гурезро пеш гирифт. Бабр таъқибкунон аз паси ӯ давид. Харгӯшак, ки ҷуссааш хурдакак аст, аз зери шохаҳою байни буттаҳо бемалол ва ба осонӣ гузашта мерафт. Бабр бошад, аз дунболи ӯ рафта, гоҳ ба буттаю танаи дарахтон бармехӯрду гоҳ шохаҳо баданашро мехарошиданд. Бо вуҷуди ҳамаи ин ӯ намехост тӯъмаи лазизро аз даст диҳад. Харгӯш мегурехту роҳи наҷотро фикр мекард. «Чӣ хел карда аз чанголи бабр халосӣ ёбам» – аз дил мегузаронд ӯ.

Нохост ба сари харгӯши зирак фикри аҷибе расид. Вай аз ин рӯҳ гирифта, бо тамоми қувва пеш тохт ва бо азобе худро ба ғори шер расонида, оҳиста дарун даромад. Бабр аз хонаи шер будани ғор бехабар буд, аз нӯг-нӯги по даромадани харгӯш хабардор нашуд. Вақте ки бабри ғуррон наъразанон вориди ғор гардид, шер аз хоб бедор шуда, ба ӯ дарафтод. Дар байни он ду дарандаи пурзӯр ҷанги пуршиддат ба амал омад. Афту дарафт хеле давом кард, дар натиҷа ҳам